Пардохти андоз - баҳои тамаддуниятнокии ҷомеа

№3 (1152)

Панҷшанбе, 17 январи соли 2019

E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

# Боҷу хироҷ

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ХИЗМАТРАСОНӢ

# Самтҳои муҳими фаъолият



# Татбиқи барнома

Рафти иҷрои “Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2019” дар соли 2018”

с. 8

ҶАМЪБАСТ

## НАТИҶАГИРӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ СОЛОНА

Ҷаласаи Раёсати андози шаҳри Душанбе оид ба натиҷаҳои фаъолият дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019

с. 2-3

ҶАМЪБАСТ

## КОМЁБИҲОИ НАЗАРРАС

Натиҷаи фаъолияти солонаи Нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб

с. 3

ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР

## ХАРИДИ НАЗОРАТӢ ЧИРО ОШКОР КАРД?

Истифодаи мошини назоратӣ-хазинавӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ ҳатмӣ аст

с. 4

АМАЛИЁТИ ГУРӮҲИ КОРӢ

## ФАЪОЛИЯТ ПУРСАМАР МЕГАРДАД, АГАР...

Ҳадаф - расонидани кӯмаки амалӣ дар таъмини қисми даромади буҷет ва кам намудани бақияи қарзи андозҳо

с. 5

АНДОЗ ВА ҚОНУН

## ҚАРЗИ АНДОЗ КАМ МЕШАВАД

Бақияи қарзи андозҳо - масъалаи ташвишовар

с. 7

ИНРО БОЯД ДОНИСТ

## НАЗОРАТИ КАМЕРАЛӢ САНҶИШИ АНДОЗ НЕСТ

Назорати камералӣ - самти муҳими фаъолияти мақомоти андоз

с. 10

# Натиҷагирӣ аз фаъолияти солона

**12-уми декабри соли 2018 дар Муассисаи давлатии «Филармонияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷураев» ҷаласаи Раёсати андози шаҳри Душанбе оид ба натиҷаҳои фаъолият дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019 баргузор шуд, ки дар кори он Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Нусратулло Муқим иштирок дошт.**



Дар ҷаласа муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Мунавваршо Раҷабализода оид ба натиҷаи фаъолияти Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019 баромад намуда, қайд кард, ки иҷрои нишондиҳандаи муайяншудаи андозҳо ва пардохтҳо бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар шаҳри Душанбе ба андозаи 100,4 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 3549,6 млн. сомонӣ, ба буҷет 3 562,9 млн. сомонӣ маблағ ворид карда шуд, ки нисбат ба нақша 13,3 млн. сомонӣ зиёд ва нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 - 292,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Иҷрои нишондиҳандаи тасдиқшудаи андозҳо (бо ҳисоби андози иҷтимоӣ) дар соли 2018 дар ноҳияҳои Шоҳмансур 100,3 фоиз, Сино 99,1 фоиз, Исмоили Сомонӣ 98,6 фоиз ва Фирдавсӣ 98,4 фоизро ташкил намудааст.

Чуноне ки зикр шуд, тибқи нишондиҳандаи муқарраргардида дар соли 2018 иҷрои қисми даромади буҷет аз рӯи контингенти умумӣ (бе андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) ба андозаи 100 фоиз таъмин шуда, ба ҷойи 2856,2 млн. сомонии пешбинигардида, ба буҷет 2856,8 млн. сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба нишондиҳанда 0,6 млн. сомонӣ ва нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 -ум 224,6 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда дар ҳамаи ноҳияҳои шаҳри Душанбе ба андозаи 100 фоиз таъмин гардидааст.

Ҳамчунин, қайд гардид, ки аз рӯи нишондиҳандаи тасдиқшудаи қисми даромади буҷет мутобиқи ҳамаи намудҳои андоз (бе андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) ба андозаи 100,3 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 2847,9 млн. сомонии пешбинишуда, ба буҷет 2866,8 млн. сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба нишондиҳанда 8,9 млн. сомонӣ ва нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 -ум 224,6 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Зикр шуд, ки Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе аз рӯи нишондиҳандаи муайяншуда аз уҳдаи иҷрои андоз аз даромад ( 92,5 фоиз) набаромад, ки аз ин ҳисоб ба буҷет 63,8 млн. сомонӣ ворид нагардид. Аз рӯи нишондиҳандаи тасдиқшуда 2 намуд: андоз аз даромад ва андоз аз арзиши иловашуда иҷро нашуд, ки дар маҷмӯъ, 103,0 млн. сомонӣ ба буҷет ворид нагардидааст.

Дар ин давра дар ноҳияи Шоҳмансур андоз аз фоида иҷро нагардидааст, ки аз ин ҳисоб ба буҷет 70,4 млн. сомонӣ ворид нашуд. Дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ андоз аз даромад иҷро нашуд, ки аз ин ҳисоб 47,7 млн. сомонӣ, дар ноҳияи Фирдавсӣ иҷрои андоз аз даромад, андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард таъмин нагардид ва аз ин ҳисоб ҷамъ 19,5 млн. сомонӣ ва дар ноҳияи Сино иҷрои андоз аз даромад ва андоз аз арзиши иловашуда таъмин нагардид, ки аз ин ҳисоб 55,2 млн. сомонӣ ба буҷет ворид нашуд.

М. Раҷабализода қайд намуд, ки сабабҳои асосии таъмин нагардидани иҷрои нишондиҳандаи пешбинишудаи андозҳо ва пардохтҳо, пеш аз ҳама, пурра ба инобат гирифта нашудани омилҳои таъсиррасон ҳангоми таҳияи буҷет, дуруст ва пурра фаъолият накардани як қатор андозсупорандагон, вазъи ноустувори фаъолияти бонкҳо, коҳиш ёфтани корҳои сохтмонӣ, камшавии маблағҳои ҳисобшудаи андозҳо дар аксари андозсупорандагон мебошанд.

Таҳлили фаъолияти бонкҳо нишон додааст, ки солҳои охир шумораи амонатгузорон ва пасандозҳо дар бонкҳо кам гардида, дар соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 андозҳои ҳисобшудаи бонкҳо ба маблағи 54,3 млн. сомонӣ кам ва ҳиссаи андозҳои ба буҷет пардохтшуда низ ба маблағи 68,3 млн. сомонӣ кам гардидаанд.

Ҳамчунин, пурра аз худ карда нашудани маблағҳои пешбинишуда дар буҷети давлатӣ барои таъмиру сохтмон, харидди таҷҳизот ва дигар хароҷот, коҳиш ёфтани хизматрасонӣ, иҷрои кор ва таҳвили мол дар фаъолияти як қатор андозсупорандагон ва зиёд гардидани амалиётҳои аз андозбандӣ озод низ боиси кам ҳисоб ва пардохт гардидани андозҳо, аз он ҷумла андоз аз арзиши иловашуда шудааст.

Аммо иҷро нагардидани нишондиҳандаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ, пеш аз ҳама, ба кам гардидани шумора ва даромади дар шакли музди меҳнат пардохтшаванда, яъне фонди музди меҳнат алоқаманд аст.

Тавре дар ҷаласа қайд шуд, тибқи эъломияҳои пешниҳоднамудаи 2388 андозсупоранда ба ҳолати 1 –уми январи соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 шумораи коргарон ва фонди музди меҳнат мутаносибан 10026 нафар ва манбаи андоз аз даромад 244.9 млн. сомонӣ кам гардидааст, ки нишондиҳанда ба таъмини иҷрои нақшаи пешбинишудаи ин намуди андоз таъсир расонд. Аз ҷониби бонкҳое, ки дар шаҳри Душанбе фаъолият мекунанд, шумораи коргарон 377 нафар ва фонди музди меҳнат зиёда аз 15,8 млн. сомонӣ кам шудааст, ки аз ин ҳисоб ба аз ҳисоби дигар амалиётҳои бонкӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ мутаносибан 16,0 ва 20,2 млн. сомонӣ кам гардидаанд. Дар ин давра камшавии шумораи коргарон дар ҶСК «Агроинвестбонк» 224 нафар, ФҶСП «Туннел Садди Ориёно» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 502 нафар, ФҶСП «Хокруд» 180 нафар, ҶДММ «Ориён групп» 246 нафар, ҶДММ «Орми Роҳи Қорун» 174 нафарро ташкил додааст. Нисбати он андозсупорандагоне, ки шумораи кормандон ва музди меҳнатро кам кардаанд, пайваста корҳои таҳлилӣ ва назоратӣ гузаронида шуда истодааст.

Дар соли 2018 аз ҷониби шуъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Душанбе 6859 андозсупоранда, аз ҷумла, 392 шахси ҳуқуқӣ, 1434 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, 5011 соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ва 22 адад филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ба қайд гирифта шудааст.

Дар ин давра бо мақсади дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, яъне тариқи электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳо 11412 андозсупоранда ба чунин тартиб гузаронида шуда, айни ҳол дар шаҳри Душанбе бе дарназардошти нозиротҳои андозсупорандагони калон ва миёна аз 17569 андозсупоранда 11412 ададашон эъломияҳои худро тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд.

Дар ҷалса дар мавриди бақияи қарзи андоз низ сухан рафт. Қайд шуд, ки мутобиқи маълумоти пешакӣ бақияи қарзи андозҳо дар шаҳри Душанбе ба ҳолати 1 –уми январи соли 2019 бо дарназардошти шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар шаҳри Душанбе 73,4 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли ҷорӣ дар ҳаҷми 4,0 млн. сомонӣ кам гардидааст. Таъкид шуд, ки ба афзоиш ёфтани бақияпулиҳои андоз ин аз як тараф аз ҷониби андозсупорандагон ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои андозӣ бошад, аз тарафи дигар ин бемасъулиятии нозирони масъули нозиротҳои андоз мебошад, ки назорати иҷрои уҳдадориҳои андозии андозсупорандагонро ба таври дахлдор ба роҳ намондаанд.

Иҷрои нақшаи ҷамъоварии андозҳо аз ҳисоби соҳибкороне, ки тибқи патент фаъолият менамоянд, дар соли 2018 ба андозаи 81,8 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи



59833,1 ҳазор сомонӣ, ба буҷет 48982,0 ҳазор сомонӣ пардохт шуд, ки нисбат ба нишондиҳанда 10881,8 ҳазор сомонӣ кам ва нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 3378,7 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Иҷрои нишондиҳандаи ҷамъоварии маблағи патент дар нозиротҳои андози ноҳияҳои Шоҳмансур 87,1 фоиз, Исмоили Сомонӣ 78,9 фоиз, Фирдавсӣ 85,1 фоиз ва Сино 77,5 фоизро ташкил медиҳад.

Яке аз чораҳои таъсирбахши ба низом даровардани интизоми андозсупории андозсупорандагон, ин дар амал татбиқ намудани муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар соли 2018 аз ҷониби мақомоти андоз дар шаҳри Душанбе 4806 ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ошкор ва баррасӣ гардида, нисбати ҳуқуқвайронкунандагон, ҷазо дар шакли ҷарима ба маблағи умумии 9,5 млн. сомонӣ таъин шуда, аз ин ҳисоб ба буҷет зиёда аз 7,0 млн. сомонӣ ворид карда шуд.

Насб ва тахти истифодаи доимӣ қарор додани мошини назорати хизинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) ҷиҳати пурра ба андозбандӣ ҷалб намудани даромади воқеии андозсупорандагон бевосита алоқаманд мебошад. Мувофиқи нишондиҳандаи таъмини МНХ дар соли 2018 Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе мебоист 2928 адад МНХ-ро дар фаъолияти андозсупорандагон насб менамуд, ки мутаассифона, 90 фоизи онро иҷро намуд. Иҷрои таъмини МНХ дар ноҳияҳои Шоҳмансур 80 фоиз, Исмоили Сомонӣ 100 фоиз, Фирдавсӣ 100 фоиз ва Сино 90 фоизро ташкил медиҳад.

Дар соли 2018 аз ҷониби кормандони раёсати андоз дар фаъолияти 1156 адад андозсупоранда (шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва воқеӣ) санҷиши риояи қонунгузории андоз гузаронида шуд. Аз шумораи умумӣ 293 санҷиш аз тарафи кормандони раёсат ва 863 адад санҷишҳои хотимавӣ аз тарафи кормандони нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳри Душанбе гузаронида шудааст.

Дар натиҷаи гузаронидани санҷишҳои андоз ба маблағи 23,6 млн. сомонӣ кам ҳисоб ва пинҳонкунии андозҳо ошкор шуда, аз маблағҳои илова ошкоршуда бо дарназардошти бақияи қарзи андозҳои солҳои гузашта ба буҷет 25,4 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи санҷишҳо 945 адад кам ва маблағи ба буҷет воридшуда 2,8 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли 2018 аз тарафи кормандони мақомоти андоз дар шаҳри Душанбе дар фаъолияти 574 адад андозсупоранда хариди назоратӣ гузаронида, нисбати ин андозсупорандагон ба маблағи 2241,9 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, аз ин маблағ 1500,5 ҳазор сомонӣ ба буҷет пардохт гардидааст.

Дар ин давра аз ҷониби кормандони мақомоти андози шаҳри Душанбе дар асоси 80 амрнома санҷиши амалиётӣ гузаронида шуд, ки аз ин рақам 7 адад ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе, 4 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур, 33 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, 16 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ва 20 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Сино рост меояд.

Дар ин давра фаъолияти 2917 нафар андозсупоранда мавриди санҷиш қарор дода шудааст. Аз рӯи маълумоти пешниҳодгардида ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ 607 нафар шахси воқеӣ бидуни бақайдгирӣ дар нозиротҳои андоз ҳамчун соҳибкор муайян шуда, 715 нафар бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ таъмин гардиданд. Дар давраи ҳисоботӣ нисбати 594 нафар андозсупоранда протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 734900 сомонӣ тартиб дода шудааст, ки ин шумора нисбати ҳамин давраи соли гузашта 58 адад ва маблағи ҷаримаҳо 393800 сомонӣ кам мебошад.

Дар натиҷаи санҷишҳои амалиётӣ ба маблағи умумии 2341,6 ҳазор сомонӣ андозҳо ҳисоб шуда, маблағи 2003,2 ҳазор сомониаш ба буҷет пардохт карда шуда, ҳамзамон 122 нафар андозсупоранда бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин гардиданд.

Дар соли 2018 тибқи нақшаи тасдиқшуда дар 603 маркази калони савдо, бозор ва корхонаву ташкилот бо иштироки беш аз 8290 нафар шаҳрванд, соҳибкор ва корманди корхонаву ташкилот вохӯрӣ гузаронида шудааст, ки нисбат ба соли 2017 -ум 427 адад зиёд мебошад.

Баъдан сардори Нозироти андозсупорандагони калон Абдуқайюм Воҳидов оид ба натиҷаҳои фаъолияти шуъбаи нозироти андозсупорандагони калон дар шаҳри Душанбе дар соли 2018 ва вазифаҳо барои давраҳои соли 2019 маълумот дод.

Дар фарҷом Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. М. Давлатзода фаъолияти Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе ва дигар мақомоти ҳудудии андози шаҳри Душанберо натиҷагирӣ намуд. Ӯ аз рафти таъмини иҷрои нишондиҳандаи қисми даромади буҷет ёдовар шуда, барои бартараф намудани мушкиливу камбудиҳои ҷойдошта супоришҳои мушаххас дод.

Дар ҷаласа, муовини Раиси шаҳри Душанбе Бахтиёр Назмирмадзода, муовини прокурори шаҳри Душанбе Мухтор Маҳмудзода, намояндагони Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, Раёсати Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт дар шаҳри Душанбе, КФД “Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул” дар шаҳри Душанбе ва Сарраёсати молияи шаҳри Душанбе иштирок доштанд.

**Ҷаласа аз рӯи масъалаҳои баррасишуда қарор қабул намуд.**

**М. ҶУМЪА**

# Комёбиҳои назаррас

## Кормандони Нозироти андози шаҳри Кӯлоб соли 2018-ро бо натиҷаҳои назаррас ҷамъбаст намуданд.

**Тавре аз Нозироти андози шаҳри Кӯлоб иттилоъ доданд, қисми даромади буҷети давлатиро дар ҷамъбасти соли 2018 ба андозаи 103,5 фоиз таъмин карда, ба ҷойи 69643,7 ҳазор сомонӣ ба буҷети давлатӣ 72076,5 ҳазор сомонӣ маблағ ворид намуданд.**

Мақомоти андози шаҳр дар соли 2018 ба 1645 нафар андозсупорандаи қарздор ба маблағи 16418,1 ҳазор сомонӣ огоҳинома доданд, ки аз ин ҳисоб ба буҷети ҷумҳурӣ 14896,4 ҳазор сомонӣ маблағ ворид шудааст. Дар ин давра 285 ҳолати ҳуқуқвайронкунии андозсупорандагон ба маблағи 475,1 ҳазор сомонӣ аз тарафи кормандони андози шаҳри Кӯлоб ошкор гардида, аз ин маблағ 391,5 ҳазор сомонӣ ба буҷети кишвар ворид гардид.

Кормандони андози шаҳри Кӯлоб бо мақсади дарёфти сарчашмаҳои нави андозбандӣ дар фаъолияти андозсупорандагон санҷишҳои амалиётӣ корҳои назоратию фаҳмондадиҳӣ гузарониданд, ки дар натиҷа 540 адад, субъекти андозсупор ба қайди давлатӣ гирифта шуданд. Натиҷаи корҳои назоратӣ муайян намуд, ки ҳоло ҳам ҳастанд, андозсупорандагоне, ки аз пардохти маблағи андоз саркашӣ менамоянд. Ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ дар фаъолияти 2055 нафар андозсупоранда 186 ҳолат бидуни қайди мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул гардидани андозсупорандагон ошкор шуданд ва ин шахсон пурра бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ таъмин ва ҳамчун андозсупоранда ба қайди давлатӣ гирифта шуданд. Инчунин, дар соли 2018-ум 82 ҳолати беқайди мақомоти андоз аз ҷониби шахсони воқеӣ ба иҷора додани молу мулки ғайриманқул ба маблағи 27,7 ҳазор сомонӣ ва 156 нафар коргари кирояи иловагӣ дар фаъолияти андозсупорандагон ошкор гардид. Маблағи 276,1 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ пурра ба буҷет пардохт карда шуд. Ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ фаъолияти 1132 нафар андозсупоранда, ки ба фаъолият ва кашонидани бор ва мусофирон машғул буданд, тахти санҷиш қарор гирифтанд. Дар натиҷа 83 нафар андозсупоранда ба ҳуҷҷати соҳибкорӣ таъмин гардида, маблағи 129,0 ҳазор сомонӣ пурра ворида буҷет гардид. Нисбати 4 нафар аз андозсупоранда ба маблағи 6000 - сомонӣ протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки танҳо дар соли 2018 аз ҷониби мақомоти андози шаҳри Кӯлоб дар фаъолияти 114 нафар андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шуд, ки дар натиҷа ба маблағи 5598,6 ҳазор сомонӣ кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳо ошкор шуда, 114 адад, огоҳиномаҳо ирсол гардид. Баъди ирсоли огоҳиномаҳо аз ҷониби андозсупорандагон маблағи 1336,3 ҳазор сомонӣ ба буҷет таъмин гардид.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Франция введет налог на IT-компании с 2019 г.

## Эта мера принесет французской казне 500 млн евро

Власти Франции планируют ввести налог на деятельность крупных цифровых корпораций, но в то же время уменьшить налог на прибыль с 2019 г., сообщил премьер-министр страны Эдуар Филипп, пишет ТАСС со ссылкой на газету Echos .

«Мы утвердим налог на (деятельность крупных цифровых компаний) с 2019 года, — заявил он. — Это должно принести €500 млн, причем этот уровень достижим уже в следующем году. Еще мы пересмотрим отношение к механизму освобождения от налогов по внутренним операциям компаний — это должно принести примерно €200 млн».

При этом Эдуар Филипп пообещал, что налог на прибыль «к 2022 году снизится до 25%». «В 2019 году его уровень должен измениться с 33% до 31%, — отметил премьер-министр Франции. — Это понижение коснется лишь предприятий, чей оборот не превышает €250 млн в год». «Мы просим самые крупные компании приложить усилия, чтобы мы смогли получить дополнительный доход в размере около €1,8 млрд», — подчеркнул он.

http://taxpravo.ru/novosti

# Дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ

**Бахши ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеии Нозироти андоз дар ноҳияи Темурмалик дар соли 2018 ҷиҳати дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ корҳои муайянеро ба сомон расониданд.**



Тавре мутахассиси бахши ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеии нозироти андози ноҳия Диловар Файзиддинов иттилоъ дод, дар ин давра аз тарафи мутахассисони шуъба ҳангоми гузаронидани инвентаризатсия, аз ҳисоби шахсони воқеӣ 273 нафар дар нозироти андози ноҳия ҳамчун андозсупоранда ба қайди давлатӣ гирифта шуда, маблағи онҳо пурра ба буҷети ҷумҳурӣ ворид гардидааст. Бояд гуфт, ки дар соли 2018 дар ноҳияи Темурмалик нақшаи инвентаризатсия 53 фоизро ташкил дод. Аз ҷониби мутахассисони бахш ҳангоми гузаронидани инвентаризатсия иҷрои нақша ба 104,8 фоиз расонида шуд.

Дар ин давра аз ҷониби Нозироти андози ноҳия ба 7971 нафар шахсӣ воқеӣ, ки дар назди буҷет маблағи бақияи қарзи андоз доштанд, огоҳинома ирсол гардид. Баъди ирсоли огоҳинома андозсупорандагон масъулият ҳис намуда, маблағи бақияи қарзи андозро пурра таъмин намуданд.

Мақомоти андози ноҳия дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Темурмалик миёни андозсупорандагон ҷиҳати сари вақт супоридани маблағи андоз корҳои фаҳмондадиҳиро хуб ба роҳ мондаанд. Бояд гуфт, ки танҳо аз ҳисоби шахсони воқеӣ дар соли 2018 ба буҷети ҷумҳурӣ 694 ҳазору 488 сомонӣ маблағи андоз ворид гардидааст. Тибқи маълумоти дастрасгардида дар ноҳияи Темурмалик то соли 2018 шумораи андозсупорандагони шахсони воқеӣ 7971 нафарро ташкил медод. Ҳангоми гузаронидани инвентаризатсия ин рақам ба 8244 нафар расонида шуд, яъне 273 нафар манбаи нави андозбандӣ дарёфт шудааст.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

## Бывшую девушку Ди Каприо будут судить за сокрытие доходов и отмывание денег



Израильская топ-модель Бар Рафаэли, которая некоторое время встречалась с американским актером Леонардо Ди Каприо, обвинят в сокрытии доходов от налогов и отмывании денег.

Израильские власти полагают, что Рафаэли пыталась скрыть более $6 млн от уплаты налогов. Прокуратура уведомила Рафаэли, что против нее будет выдвинуто обвинение.

На портале напомнили, что расследование в отношении супермодели ведется «годами». Обвинение считает, что Рафаэли обманывает власти США и Израиля, чтобы не платить налоги: израильским властям она заявляет, что постоянно живет в Соединенных Штатах, а американским - что является резиденткой Израиля.

**https://www.gazeta.ru/social/news**

# Хариди назоратӣ чиро ошкор кард?

Тибқи талаботи моддаи 38 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозсупорандагон аз ҷумла, соҳибкорон вазифадоранд, ки ҳангоми фурӯши молу маҳсулот аз мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ (МНХ) истифода намоянд. Бояд қайд кард, ки истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ яке аз воситаҳои муайян намудани даромади воқеӣ андозсупоранда ба ҳисоб меравад.



Дар шаҳри Кӯлоб дар соли 2018-ум 204 адад МНХ-и дорои ТИЭ дар фаъолияти андозсупорандагон насб гардидааст. Тавре мутахассиси гурӯҳи хизматрасони бо соҳибкорони инфиродии нозироти андози шаҳр Аскар Шарипов гуфт, тибқи нақша дар як моҳ 17 адад МНХ дар фаъолияти андозсупорандагон бояд таъмин карда шавад. Феълан дар шаҳру деҳоти Кӯлоб нақшаи МНХ пурра иҷро гардида, ҳалли мусбии худро ёфтааст. Нақшаи таъмини соҳибкорон бо МНХ дар шаҳри Кӯлоб иҷро гардида бошад ҳам, вале то ҳол соҳибкороне ҳастанд, ки тартиби истифодаи МНХ-ро ба таври ҳатмӣ дар фаъолияти худ ба роҳ намемонанд. Дар ин давра аз ҷониби нозироти андози шаҳр ҳангоми санҷишҳои амалиётӣ аз ҷумла, дар натиҷаи гузаронидани хариди назоратӣ дар фаъолияти андозсупорандагон ва соҳибкорон як қатор қонунвайронкуниҳои андозӣ ошкор гардид.

Масалан, дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Носиров Маҳмадалӣ, ки ба фурӯши доруворӣ машғул буд, хариди назоратӣ гузаронида шуда, барои вайрон намудани қонунгузории андоз бо моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4000 сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуд ва соҳибкор ҷарима гардид. Ба ҳамин монанд, дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Зарипов Сироҷиддин хариди назоратӣ гузаронида шуд. З. Сироҷиддин барои вайрон кардани тартиби истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ тибқи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2000 сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, маблағи мазкур пурра ба буҷет ворид гардидааст.

Хариди назоратӣ дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Набиева Зебо - доруфурӯш низ гузаронида шуд. Номбурда барои ба таври дуруст истифода накардани МНХ ва инчунин, ба харидорон надодани чипта бо дастрасии моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2000 сомонӣ ҷарима шуд. Соҳибкори дигари шаҳри Кӯлоб Ҳисайн Қурбонов, ки ҳангоми фаъолияти корӣ аз МНХ-и дорои ТИЭ ба таври зарурӣ истифода намекард, нисбаташ тибқи талаботи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2000 сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, аз ин маблағ 1000 сомонии он ба буҷет пардохт шуд. Хариди назоратӣ дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Яқубов Мирзораҳим ҳам гузаронида шуд. Номбурда ҳангоми фурӯши маҳсулот аз МНХ истифода намекард ва ин буд, ки нисбаташ бо қисми 1 моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пртоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, ӯ ба маблағи 4000 сомонӣ ҷарима шуд.

Ҳамчунин, хариди назоратӣ дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Бобоев Шералӣ гузаронида шуд ва тибқи талаботи моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбаташ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, ба маблағи 4000 сомонӣ ҷарима гардид, ки аз ин маблағ 2000 сомониаш ба буҷет пардохт шудааст. Самадов Ҳотамбек низ аз ҳамин қабил соҳибкорон мебошад. Ӯ ҳангоми фаъолияташ аз МНХ ба таври бояду шояд истифода намекард. Дар натиҷаи гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ аз ҷониби мақомоти андоз тибқи талаботи моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбаташ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, ӯ ба маблағи 4000 сомонӣ ҷарима гардид ва маблағи зикршуда пурра ба буҷет пардохт шуд.

**Ҳамин тавр, кормандони Нозироти андози шаҳри Кӯлоб дар соли 2018 ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ 17 нафар соҳибкори инфиродиро барои истифода накардани МНХ-и дорои ТИЭ тибқи талаботи моддаҳои 614–615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 44 ҳазор сомонӣ ҷарима намуданд, ки аз маблағи зикршуда 36 ҳазору 600 сомонии он пурра ба буҷети ҷумҳурӣ таъмин гардидааст.**

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

**Бо Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами 1556 бо мақсади расонидани кӯмаки амалӣ дар таъмини иҷрои нишондоди қисми даромади буҷет, кам намудани бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андозсупорандагони қарздор, татбиқи чораҳои рӯёнидани қарзи андозҳо, инчунин, мавриди санҷиш қарордодани ҳолати иҷрои қарорҳо, Гурӯҳи корӣ ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур сафарбар шуд.**

# Фаъолият пурсамар мегардад, агар...

Бақияи қарзи андозҳо имрӯз дар кишвар яке аз масъалаҳои ташвишовар ба ҳисоб меравад. Тибқи маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санаи 1 октябри соли 2018 маблағи бақияи қарзи андозҳо дар Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур 5043,4 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Нисбат ба авали сол он ба маблағи 514,7 ҳазор сомонӣ зиёд гаштааст.



## Афзоиши қарз ва ҳолати иҷрои он

Тавре ки сардори Раёсати ситонидани қарзи андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зокир Қурбонов қайд мекунад, бақияи қарзи андозҳо солҳост, ки ҳамчун масъалаи нигаронкунанда боқӣ мондааст. Мақомоти андоз ҳарчанд дар ин самт тадбирҳо меандешад, вале баъзе андозсупорандагон аз ин сӯистифода мекунанд, ба пинҳонкорию бемасъулияти даст мезананд. Гурӯҳи корие, ки аз ҷониби мақомоти андоз бахри кам кардани бақияи қарзи андозҳо равона гардида буд, тавонист як қатор корҳои назаррасро ба анҷом расонад.

Бояд гуфт, ки аз маблағи умумии бақияи қарзи андозҳо 1671,8 ҳазор сомониаш аз ҳисоби фоизу ҷаримаҳои иловагии ҳисобшуда ба вуҷуд омадааст, ки 33,1 фоизи маблағи қарзи андози ноҳияро дар бар мегирад. Инчунин, аз ин миқдор 960,5 ҳазор сомониашро маблағҳое ташкил медиҳанд, ки дар натиҷаи корҳои назоратӣ (санҷиши ҳуҷҷатии маҷмӯии андоз) ба вуҷуд омадааст.

Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияти худ нисбати 220 андозсупорандаи қарздор бо андешидани тадбирҳои зарурӣ, аз қабили гирифтани баёнот, ӯҳдадориҳои хаттӣ, қабули қарорҳо оид ба рӯёнидани қарзи андозҳо, инчунин, дигар чораҳои таъсиррасонӣ ба буҷет 1020 ҳазор сомонӣ ворид кард.Тибқи маълумоти барномаи компютерии СИА "Баҳисобгирии андозҳо" маблағи қарзи андозҳои Намояндагии ҶСК "Лола" дар ноҳияи Шоҳмансур ба санаи 01.09.2018-ум 148,1 ҳазор сомонӣ мерасид, ки он то санаи 01.11.2018 бе дарназардошти андозҳои ҷорӣ ҳамагӣ 4 ҳазор сомонӣ маблағи қарз пардохт намудааст. Гурӯҳи корӣ дар давраи фаъолияти худ, бо андешидани чораҳои зарурӣ бақияи қарзи андозҳои ҷамъияти мазкурро пурра рӯёнида вориди буҷет намуд. Инчунин, бақияи қарзи андозҳои КДММ "Автомотосервис ва савдои ба номи Вайс" ки ба санаи 01.10.2018-ум 59,2 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, тавасути тадбирҳои андешидаи Гурӯҳи корӣ қарзи андозҳо аз суратҳисоби бонкӣ рӯёнида он пурра ба буҷет ворид шуд.

Гурӯҳи корӣ, инчунин, аз ҳисоби ҶДММ "Истиқлол сохтмон" 22,1 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Премиум класс" 27,9 ҳазор сомонӣ, ҶСК "Авиастрой" 23,6 ҳазор сомонӣ, Намояндагии ҶДММ "Муҳаммад 2009" 22,5 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Тор Сб" 17,7 ҳазор сомонӣ, Шуъбаи давлатии суғуртаи ноҳияи Шоҳмансур 40,1 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Вояж" 20,6 ҳазор сомонӣ, Намояндагии ҶДММ "Нури Раҳмон" 30 ҳазор сомонӣ, ҶДММ"Полисет-Душанбе" 15,7 ҳазор сомонӣ, Намояндагии ҶДММ "Нурали СКМ" 55,1 ҳазор сомонӣ, Намояндагии ҶСК "Авицена" 56 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Дилшод-Алишер" 16,4 ҳазор сомонӣ рӯёнида вориди буҷет намуд.

Мутобиқи маълумоти шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳои Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур дар моҳи ноябри соли 2018 аз ҳисоби тартиб додани санадҳои муқоисавӣ бо 240 андозсупоранда аз ҷумла, 126 шахси ҳуқуқӣ ва 114 адад соҳибкори инфиродӣ 132,7 ҳазор сомонӣ бақияпулиҳои андоз кам гардидаст.

## Теъдоди қарздорон

Ба санаи 1 ноябри соли 2018 шумораи андозсупорандагони қарздор дар Нозироти андоз ба 881 адад мерасад. Аз ин шумора 386 адад ба шахсони ҳуқуқӣ ва ба 495 адад ба соҳибкорони инфиродӣ рост меояд, ки нисбат ба аввали сол 58 адад кам гардидааст. Аз ҷумла, шахсони ҳуқуқӣ 8 адад зиёд ва соҳибкорони инфиродӣ 66 адад кам мебошад.

Дар давраи фаъолияти Гурӯҳи корӣ аз шумораи андозсупорандагони қарздор, бақияи қарзи 165 нафари он, ки маблағи 264,3 ҳазор сомониро ташкил медод, пурра ба буҷет рӯёнида шуд. Аз ин шумора, 52 адад ба шахсони ҳуқуқӣ ба маблағи 140,1 ҳазор сомонӣ ва 113 адад ба соҳибкорони инфиродӣ ба маблағи 124,2 ҳазор сомонӣ баробар будааст.

## Чораи таъсиррасон

Яке аз чораҳои таъсиррасон ва ибтидоии маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, тибқи талаботи қисми 3 - и моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ирсоли огоҳиномаҳо ба андозсупорандаҳои қарздор оид ба пардохти қарзи андоз мебошад. Вале, ҳарчанд таҳияи огоҳиномаҳо ба воситаи барномаи компютерии «Идоракунӣ ва мониторинги қарзи андозҳо» роҳандозӣ шудаю фаъолияти мақомоти андоз дар ин самт осонтар гардидааст, боз ҳам, тавре мушоҳида мешвад, аз ҷониби кормандони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон талаботи Кодекси андоз ва «Дастури методӣ дар бораи татбиқи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо» оид ба пешниҳоди огоҳинома ба андозсупоранда хуб риоя намегардад.

Тибқи маълумоти дастрасгардида, дар 11 моҳи соли 2018 аз ҷониби кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур ба 511 андозсупорандаи қарздор ба маблағи 34400,6 ҳазор сомонӣ огоҳинома ирсол карда шуд, ки аз ин ҳисоб ба буҷет 3885,6 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст.

## Тадбирҳои андешидашуда

Аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади кам намудани бақияпулиҳои андоз ва андешидани чораҳои пешбинишудаи қонунгузории андоз дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, дар 11 моҳи соли 2018 нисбати 197 андозсупорандаи қарздор 236 адад қарор дар бораи маҷбуран ситонидани андозҳо ба маблағи умумии 2178,3 ҳазор сомонӣ қабул карда шудааст. Дар 10 моҳи соли 2018 аз ҳисоби қарорҳои қабулшуда ба буҷет ба маблағи 1591,4 ҳазор сомонӣ ё худ 73,1 фоиз ворид гардидааст.

Дар баробари ин, аз ҳисоби 21 қарори иҷронашудаи соли 2017, ки маблағи 2109,8 ҳазор сомониро ташкил менамуд, дар ин давра иҷрои 7 ададӣ он пурра таъмин гардид. Ҳамзамон, аз ин қарорҳо дар соли 2017 маблағи 564,5 ҳазор сомонӣ ва дар 11 моҳи соли сипаригардида 295 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид шудааст. Дар маҷмӯъ, аз ин ҳисоб, ба буҷет 1886,4 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст.

Дар ним соли 2018 аз ҷониби нозироти андоз нисбати 101 андозсупорандаи қарздор қарори пули нақд қабул шуда буд, ки 36 ададӣ он иҷро гардиааст халос. Гурӯҳи корӣ ба суроғаи ҳар яки он рафта бурда муайян кард, ки 80 фоизи он дар суроғае, ки худро ба қайд гирифтаанд фаъолият надоранд, инчунин, ба нозироти андоз эъломияҳои андозиашонро низ пешниҳод накардаанд.

Оид ба ҳолати мазкур, Гурӯҳи корӣ дар якҷоягӣ бо нозирони мутасаддӣ маълумотро нисбати 29 андозсупорандае, ки нисбаташон дар бораи ситонидани қарзи андозҳо аз ҳисоби пули нақд қарор қабул гардидааст, барои бекор кардани қарорҳо ба Кумитаи андоз ирсол намуд.

Ҳамчунин, Гурӯҳи корӣ нисбати 42 андозсупорандаи қарздор тибқи тартиби муқарраргардидаи Дастури методӣ "Дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо" ба Кумитаи андоз маълумот фиристод, ки дар натиҷа, нисбати 38 андозсупоранда ба маблағи умумии 244,8 ҳазор сомонӣ 43 қарор қабул гардид. Дар ин давра, аз ин ҳисоб, 216,3 ҳазор сомонӣ вориди буҷет шудааст.

**Нишондиҳандаҳо далолат медиҳанд, ки кормандони мақомоти ҳудудии андоз вазифаю уҳдадориҳои хешро дар сатҳи зарурӣ иҷро намуда истодаанд, вале бо вуҷуди ин мушкилию норасоиҳо дар ин самт зиёд ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, ҳар як корманди соҳаи андоз бояд дарк кунад, ки танҳо ташкили дурусти кор, босифат анҷом додани корҳои назоратӣ, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ, хуб ба роҳ мондани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ миёни андозсупорандаҳо ва иҷрои дурусти уҳдадориҳои мансабӣ имкон фароҳам меорад, ки қисми даромади буҷет таъмин гардад.**

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Иностранные компании обязаны сами платить «налог на Google» в b2b сегменте

**Соответствующие поправки в НК РФ вступили в силу 1 января 2019 г.**

Зарубежные компании, которые оказывают электронные услуги в b2b сегменте, теперь обязаны встать на налоговый учет и самостоятельно уплачивать НДС в РФ. Соответствующие поправки в НК РФ вступили в силу 1 января 2019 г., пишет ТАСС.

До этого обязанность по уплате НДС в рамках оказания электронных услуг (известный как «налог на Google») лежала на иностранных компаниях только при сделках с физлицами (b2c). Теперь требование по уплате зарубежной организацией НДС при оказании электронных услуг распространяется также и на сделки с российскими компаниями и ИП.

Напомним, что летом 2016 г. президент России Владимир Путин подписал закон, согласно которому с 1 января 2017 г. зарубежные компании, предоставляющие электронные услуги и контент в России, будут обязаны уплачивать НДС.

http://taxpravo.ru/novosti

**Кормандони Мақомоти андози вилояти Суғд нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018»-ро пурра таъмин намуданд. Нозиротҳои андози ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят қисми даромади андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, инчунин қисмати андози иҷтимоии ғайрибуҷетиро иҷро карданд. Қисми даромади буҷети давлатӣ ба андозаи 104,3% таъмин гардида, ба буҷети давлатӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 2 млрд. 588,9 млн. сомонӣ маблағ ворид карда шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳо 106,5 млн. сомонӣ зиёд аст.**

# Самараи хизматрасонии хуб

Иҷрои андози иҷтимоӣ, дар маҷмӯъ, 100 фоиз таъмин гардида, ба ҷои 701,9 млн. сомонии пешбинишуда 702,1 ҳазор сомонӣ ворид шуд. Иҷрои нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби ташкилоту корхонаҳои ғайрибуҷетӣ ба андозаи 103,9% таъмин гардида, ба ҷойи 456,0 млн. сомонии пешбинишуда ба суратҳисобҳои Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ба нафақа 473,9 млн. сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои буҷетӣ ба маблағи 17,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

**- Манбаи асосии ҷамъоварии андоз аз даромад ин фонди музди меҳнат ва дигар пардохтҳои ба он баробаркардашуда ба ҳисоб меравад, ки на ҳамаи субъектҳои хоҷагидор дар соли 2018 (ба истиснои ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ) барои зиёдшавии он кӯшиш намудаанд,- таъкид дошт муовини сардори Раёсати андоз дар вилояти Суғд Обиди Муҳаммадсаид.**

Баръакс аз тарафи бархе аз андозсупорандагон шумораи коргарони кироя ва фонди музди меҳнат дар ҳисоботи андозӣ дар соли 2018 коҳиш ёфтааст. Инчунин, бозарар ҷамъбаст намудани соли молиявӣ аз тарафи баъзе аз шахсони ҳуқуқӣ ба камшавии манбаи андоз аз суди саҳмияҳо оварда расонидааст.

Бо дарназардошти таҳкими қонунгузории андоз ва фароҳам овардани шароити мусоид ба рушди соҳибкори хурду миёна дар ҷумҳурӣ, ба ин васила дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ба ҳолати 1 январи соли 2019 дар вилояти Суғд шумораи умумии субъектҳои ба қайди давлатӣ гузошташуда (бе дарназардошти муассисаву ташкилотҳои буҷетӣ) 113301 ададро ташкил намудааст, ки нисбат ба аввали соли 2018 ба миқдори 6035 адад зиёд мебошад.

Дар соли 2018 тибқи нақшаи ягонаи санҷишҳои маҷмӯии андозсупорандагон нисбати фаъолияти 1698 соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ санҷишҳои риояи қонунгузории андоз гузаронида шудааст.Дар натиҷа ба маблағи 53,6 млн. сомонӣ ҳолатҳои кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳо ошкор гардид. Аз ин ва инчунин аз ҳисоби бақияи санадҳои солҳои пешин ба маблағи 53,7 млн. сомонӣ ба буҷети давлатӣ ворид гардидааст.

Баҳри пешгирӣ намудани ҳолатҳои қонуншиканиҳои андоз ва таъсиррасонӣ ба интизоми риояи талаботи қонунгузории андоз мақомоти андози вилояти Суғд соли 2018 дар асоси муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати 8893 субъекти хоҷагидор ба маблағи умумии 21,4 млн. сомонӣ ҷаримаҳоро татбиқ кардааст, ки 18,7 млн. сомониаш ба ҳисоби буҷети давлатӣ рӯёнида шудааст. Шумораи протоколҳо ва маблағи ҷаримаҳои маъмурии дар соли 2018 ба буҷети давлат рӯёнидашуда назар ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 682 адад ва ба маблағи 2,2 млн. сомонӣ бештар мебошад.

Тибқи маълумоти сардори шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳои Раёсати андози вилояти Суғд Ҷаъфарҷон Иномҷонов ба санаи 1-уми январи соли 2019 дар вилоят 48,1 фоизи андозсупорандагон ба шакли электронии пешниҳоди ҳисоботи андоз гузаштаанд. Яъне аз 75807 адад андозсупоранда то ин дам 36480 адади онҳо ба системаи электронӣ пайваст мебошанд.

Раёсати андоз дар вилояти Суғд ва мақомоти ҳудудии андоз тасмим доранд минбаъд низ ҷиҳати беҳтар намудани маъмурикунонии андоз ва сатҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, бештар намудани корҳои тавзеҳотиву фаҳмондадиҳӣ, кам намудани бақияи қарзи андозҳо тамоми донишу малакаи худро истифода намуда, ҷиҳати иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2019 чораҳои амалӣ андешанд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Самтҳои муҳими фаъолият

**Кормандони шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар вилояти Суғд кӯшиш ба харҷ дода, фаъолияти худро ҷиҳати иҷрои воридоти андозҳо, дуруст ҳисоб кардан ва сари вақт ворид намудани маблағҳо аз рӯи натиҷаҳои соли 2018 бомуваффақият ҷамъбаст намуданд. Таъмини қисми даромади буҷети давлатӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар ҷамъбасти соли 2018 аз ҷониби шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар вилояти Суғд ба андозаи 101,0% иҷро гардида, ба буҷети давлатӣ 329 миллиону 700,1 ҳазор сомонӣ маблағ ворид шудааст. Маблағи воридшуда ба буҷети давлатӣ нисбати нақшаи тасдиқшуда 2 миллиону 178, 7 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.**



Бояд қайд намуд, ки соли 2018 даромади умумии корхонаҳои тобеи шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар вилояти Суғд маблағи 6 миллиарду 230 миллиону 240,7 ҳазор сомониро ташкил додааст. Андозҳои ҳисобшуда 342 миллиону 916,7 ҳазор сомонӣ ва пардохтшуда 393 миллиону 149,3 ҳазор сомониро ташкил дода, аз рӯи вазни қиёсӣ андозҳои ҳисобшуда ба 5,5% ва пардохтшуда ба 6,3% баробар шудааст.

Анҷом додани корҳои назоратӣ яке аз ваколатҳои мақомоти андоз ва воситаи самараноки муайян намудани манбаъҳои воқеии андозбанӣ мебошад,-таъкид дошт сардори шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар вилояти Суғд Сафар Умарзода.

Бо ин мақсад соли 2018 аз ҷониби шуъба нисбати фаъолияти 179 адад андозсупоранда, яъне шахсони ҳуқуқӣ оид ба риояи қонунгузории андоз назорати камералӣ гузаронида шудааст. Дар натиҷаи гузаронидани назорати камералӣ эҳтимолияти ба маблағи 71 миллиону 824,0 ҳазор сомонӣ кам ҳисоб намудан ва нодуруст ҳисоб кардани андозҳо ошкор шуда, аз тарафи андозсупорандагон ба маблағи умумии 37 миллион сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод гардидааст. Маблағҳои пардохтнамуаи андозсупорандагон 18 миллиону 703,7 ҳазор сомониро ташкил дод.

Ҳамчунин, дар соли 2018 фаъолияти 35 андозсупоранда аз ҷониби шуъбаи НАМ тахти санҷиши амалиётӣ қарор гирифтааст. Ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ нисбати 19 нафар андозсупоранда барои вайрон намудани қонунгузории андоз ба маблағи умумии 60 500 сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ шудаанд. Инчунин дар рафти гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ 198 нафар коргарони кироаи иловагӣ дар фаъолияти андозсупорандагон ошкор гардидааст, ки бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб шуда буданд. Аз ин ҳисоб ба маблағи 453211,0 сомонӣ андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва ба маблағи 833091,0 сомонӣ андози иҷтимоӣ ба таври иловагӣ ҳисоб карда шудааст. Дар доираи гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ дар фаъолияти андозсупорандагон ба маблағи зиёда аз 7,4 миллион сомонӣ андозҳои иловагӣ ба буҷет пардохт карда шуданд.

Аз ҷониби Шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар вилояти Суғд соли гузашта дар фаъолияти 48 нафар андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида шуда, манбаи андозбандишавандаи ин андозсупорандагон аз 7,7 миллион сомонӣ то ба 11,4 миллион сомонӣ расонида шудааст, ки фарқияти мусбӣ 3,7 миллион сомониро ташкил дод, - зикр кард Сафар Умарзода. Ҳамзамон дар фаъолияти ин ҷамъиятҳо бо нишондоди моддаҳои 614 ва 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 127,5 ҳазор сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ гардиданд. Бо ҳамин моддаҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми соли 2018 ҳангоми гузаронидани хариди назоратӣ дар фаъолияти 117 андозсупоранда барои вайрон кардани тартиби истифодабарии МНХ ба маблағи умумии 441,0 ҳазор сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ шудаанд. Айни ҳол дар қайди шуъба 833 адад МНХ дорои ТИЭ мавҷуд буда, иҷрои нақша 101,4 % таъмин гардидааст.

Шумораи корхонаҳои қарздор дар ин давра 141 адад кам гардидааст. Дар ин самт вобаста ба талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати 135 андозсупоранда оиди ситонидани маблағи қарзи андозҳо ба маблағи 35673,8 ҳазор сомонӣ 272 қарор қабул шудааст. Аз ҳисоби қарорҳои қабулгардида дар соли 2018 ба буҷети давлатӣ 19 миллиону 837,6 ҳазор сомонӣ маблағ ворид шудааст.

Соли 2018 аз тарафи кормандони шуъба дар доираи ваколатҳои ба зиммаашон вогузоргардида тибқи талаботи муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, нисбати 401 андозсупоранда ба маблағи 1610,9 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ ва 84,9 фоизашон ба буҷет ситонида шудааст. Аз ҷумла, дар ин давра дар асоси моддаи 606 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нанавиштани ҳисобномафактураи андоз аз арзиши иловашуда ба маблағи 951884,4 сомонӣ 84 адад протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуданд, ки наздик 90 фоизашон ба буҷети давлатӣ рӯёнида шудааст. Қобили зикр аст, ки теъдоди протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ дар соли 2018 нисбат ба соли 2017 мутаносибан 161 адад ва 182,6 ҳазор сомонӣ афзудааст.

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар вилояти Суғд ин пайваста гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни андозсупорандагон мебошад, - мегӯяд Сафар Умарзода. - Дар робита ба масъалаҳои такмил додани Барномаҳои СИА «Андоз», ташкил намудани анбори электронӣ, пешниҳоди эъломияи ҷамъбастӣ ва тавозуни солонаи муҳосибӣ, тартиби аз анбори электронӣ таҳвил намудани молу маҳсулот, навиштани ҳисобномафактура ба борхат аз анбори электронӣ, ба таври автоматӣ таҳия намудани замимаҳои эъломияи андоз аз арзиши иловашуда ва пешниҳод намудани он, тартиби истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ, дигар тағйироту иловаҳо ва навгониҳои қонунгузории андоз дар соли гузашта зимни баргузории семинар-машваратҳо ба андозсупорандагон шарҳу эзоҳ дода шудаанд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Қарзи андоз кам мешавад

Бақияи қарзи андозҳо дар мақомоти андози вилояти Суғд ҳамоно як масъалаи ташвишовар боқӣ мондааст.



**Ба ҳолати 1-уми январи соли 2019 маблағи бақияи қарзи андозҳо дар вилояти Суғд, дар маҷмӯъ, 107,4 млн. сомонӣ расида, нисбати аввали сол 21,0 млн. сомонӣ кам шудааст. Ҳиссаи камшавии бақияи қарзи андозҳо ба Шуъбаи НАК дар вилояти Суғд ба маблағи 950,0 ҳазор сомонӣ, Шуъбаи НАМ дар вилояти Суғд-9,3 млн. сомонӣ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳо 10,7 млн. сомонӣ рост меояд.**

Бояд зикр намуд, ки аз маблағи умумии қарзи андозҳо 43,9 млн. сомониро фоизҳо дар бар гирифта, ҳар моҳ танҳо аз ҳисоби 63,5 млн. сомонӣ қарзи андозҳо 930,0 ҳазор сомонӣ фоизҳо ҳисоб мешаванд, ки боиси нигаронӣ мебошад.

Мавриди зикр аст, ки яке аз масъалаи ташвишовари рӯз ин дар сатҳи зарурӣ кам нашудани бақияи қарзи андози иҷтимоӣ мебошад, ки ба ҳолати 01.01.2019 бо дарназардошти Шуъбаҳои НАК ва НАМ маблағи 37,1 млн. сомониро дарбар гирифта, нисбати аввали сол 4,6 млн. сомонӣ кам шудааст, - қайд намуд сардори шуъбаи ситонидани қарзи андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Суғд Шамсуддин Раҳимов. Зиёдшавии бақияи қарзи андози иҷтимоӣ танҳо дар НАК 190,0 ҳазор сомонӣ, шаҳри Конибодом 27,3 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби ШНАМ Истаравшан 81,0 ҳазор сомонӣ, ШНАМ Ҷ. Расулов 190,0 ҳазор сомонӣ, ШНАМ Б.Ғафуров 312,0 ҳазор сомонӣ ва ШНАМ Спитамен 61,0 ҳазор сомонӣ бақияи қарзи андози иҷтимоӣ зиёд гардидааст.

Новобаста аз ин, дар нозироти андози баъзе шаҳру ноҳияҳои вилоят бахри кам кардани қарзи андози иҷтимоӣ соли 2018 як қатор корҳо ба сомон расонида шуда, қарзи андози иҷтимоиро кам намудаанд. Аз ҷумла дар нозироти андози шаҳру ноҳияҳои Исфара 121 ҳазор сомонӣ, Гулистон 64 ҳазор сомонӣ, Хуҷанд 826 ҳазор сомонӣ, Панҷакент 222 ҳазор сомонӣ, Истаравшан 651 ҳазор сомонӣ, Бӯстон 270,0 ҳазор сомонӣ, Айнӣ 28 ҳазор сомонӣ, Бобоҷон Ғафуров 382 ҳазор сомонӣ, Ашт 440 ҳазор сомонӣ, Мастчоҳ 1,1 млн. сомонӣ, Зафаробод 1 млн. сомонӣ, Спитамен 82 ҳазор сомонӣ, Ҷаббор Расулов 217 ҳазор сомонӣ кам шудааст. Ҳамзамон дар соли гузашта аз ҷониби кормандони нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо барои сари вақт пардохт накардани маблағи андози иҷтимоӣ 304 протоколи маъмурӣ тартиб дода шудааст.

Бояд қайд намуд, ки шумораи андозсупорандагони қарздор бе дарназардошти Шуъбаҳои НАК ва НАМ ба ҳолати 1-уми январи соли 2018 дар мақомоти андози вилояти Суғд 11599 адад ва маблағи қарзашон 85,0 млн. сомониро ташкил медод, ки то ба санаи 1-уми декабр шумораи қарздорон 1230 адад ва қарзи андоз ба маблағи 10,0 млн. сомонӣ кам шуд.

Бо мақсади дарёфти роҳҳои кам кардани бақияи қарзӣ андозҳо ва воридоти маблағҳо ба буҷет, аз тарафи Раёсати андоз ва мақомоти ҳудудии он мутобиқи талаботи қонунгузории андоз дар давоми соли 2018 чораҳои дахлдор андешида шудаанд. Аз ҷониби нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо нисбати андозсупорандагони қарздор 11051 адад огоҳинома ба маблағи 106,0 млн. сомонӣ ирсол гардида, аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 45,4 млн. сомонӣ маблағ ворид шудааст. Оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи 55,7 млн. сомонӣ 1747 қарор қабул гардида, дар натиҷа ба буҷети давлатӣ 23,7 млн. сомонӣ маблағ ворид шудааст.

- Қайд кардан бамаврид аст, ки бо мақсади пурзӯр намудани фаъолияти мақомоти андоз дар самти ситонидани қарзи андозҳо аз тарафи роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати андози вилояти Суғд пайваста супоришҳои мушаххас, дода мешаванд,- таъкид дошт Шамсуддин Раҳимов. Аз ҷумла, дар асоси мактуби Кумитаи андоз таҳти №10495/8 аз 07.08.2017 "Оиди татбиқи ҳабси маҳсулоти тайёр" ба нозиротҳои андози дар вилояти Суғд супориши дастурӣ дода шуда буд. Танҳо аз тарафи нозиротҳои андози шаҳрҳои Хуҷанд 2 адад, Исфара 2 адад, Конибодом 1 адад, ва ноҳияҳои Ашт 1 адад, Ҷ.Расулов 5 адад, Спитамен 1 адад, Мастчоҳ 6 адад, Бобоҷон Ғафуров 1 адад, Зафаробод 4 адад парванда барои қабули қарори ҳабси молу мулк ва маҳсулоти тайёр ба Кумитаи андоз ирсол ва қарорҳои дахлдор қабул шудааст. Мутаассифона, дар дигар шаҳру ноҳияҳо дар ин самти фаъолият дар сатҳи паст қарор дорад, аз ҷумла: аз тарафи нозиротҳои андози шаҳрҳои, Истиқлол, Панҷакент, Бӯстон, Гулистон, Истаравашан ва ноҳияҳои Шаҳристон, Деваштич, Айнӣ умуман қарори ҳабси амвол ва маҳсулоти тайёр қабул карда нашудааст. Ҳол он ки яке аз роҳҳои асосии таъсиррасонӣ бахри ситонидани қарзи андоз ин қабул ва татбиқи қарорҳои маҷбуран ситонидани қарзи андоз, аз ҷумлаи ҳабси амвол, бастани суратҳисоб, ситонидани қарз аз ҳисоби дебитори андозсупоранда ва қарори пули нақдӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар давраи соли 2018 аз тарафи Раёсати андоз дар вилояти Суғд дар асоси талаботи банди 11 моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 23 андозсупорандаи қарздор ба маблағи 9,5 млн сомонӣ созишнома ба имзо расонида шуда, аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ маблағи 5,5 млн. сомонӣ ва аз ҳисоби созишномаҳои соли 2017 дар соли 2018 маблағи 527,0 ҳазор сомонӣ ворид карда шудааст.

Кормандони шуъба, гурӯҳ ва бахшҳои ситонидани қарзи андозҳои Раёсати андоз ва нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд вазифадор шудаанд, ки минбаъд дар заминаи дастури супоришҳои Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амал намуда, иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети давлатиро босифат таъмин ва бақияи қарзи андозҳоро давра ба давра кам намоянд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА, вилояти Суғд**

# Ҳолати корҳои назоратӣ



**Яке аз ҳадафҳои аслии роҳандозии корҳои назоратӣ мусоидат ба беҳшавии фаъолияти андозсупорандагон, ифшои пинҳонкориҳои андоз ва барқарорсозии маблағҳои пинҳоншуда маҳсуб меёбад. Дар вилояти Хатлон ин масъала мавриди таваҷҷуҳи доимии мақомоти андоз қарор дорад.**

- Дар шаҳру навоҳии вилояти Хатлон соли 2018 дар умум 13086 адад корҳои назоратӣ, аз ҷумла санҷиши ҳуҷҷатӣ, назорати камералӣ, муоинаи хронометражӣ, санҷиши амалиётӣ ва хариди назоратӣ гузаронида шудааст, - гуфт муовини сардори Раёсати андоз дар вилояти Хатлон Абдурозиқ Солеҳзода. Аз ин 2509 ададӣ онро назорати камералӣ ташкил медиҳад. Ҳадафи аслии назорати қатъӣ пешгирӣ намудан аз нофаҳмиҳо дар фаъолияти корӣ, мусоидат дар ҳалли мушкилот, додани маслиҳату тавсияҳои судманд ва осонгардонии пешбурди корҳои назоратӣ мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки давоми соли 2018 назорати камералӣ ба маблағи 34 миллиону 371 ҳазор сомонӣ гузаронида шуд. Муоинаи хронометражӣ ҳамагӣ 401 маротиба гузаронида шудааст, ки маблағи 2 миллиону 936 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Дар натиҷаи 8157 санҷиши амалиётӣ, ки 1 миллиону 602 ҳазор сомонии камомадро ошкор намудааст, нисбат ба 707 ҳолаташ андозсупорандагони масъул ба таври маъмурӣ ба маблағи 978 ҳазор сомонӣ ҷарима шуд. Нозиротҳои андоз дар 25 шаҳру ноҳияи вилояти Хатлон 401 маротиба хариди назоратӣ гузаронидаанд, ки маблағи умумии онҳо 1 миллиону 302 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Умуман, Раёсати андози вилояти Хатлон дар қиёс ба солҳои қаблӣ корҳои назоратиро беҳтар роҳандозӣ карда, бахри беҳбуд бахшидан ба фаъолият ва мувофиқи матлаб пеш бурдани корҳои назоратӣ аз имкониятҳои мавҷуда хуб истифода мекунад.

**Суҳроби РУСТАМ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Компания Google скрыла от налогов почти $23 млрд

Корпорация Google через офшоры вывела 22,7 миллиарда долларов своих доходов. Это в 2017 году помогла сделать дочерняя компания Google Netherlands Holdings BV.




В Торговую палату Нидерландов были поданы документы, согласно которым корпорация Google через подставную компанию, зарегистрированную на территории Голландии, вывела деньги на Бермудские острова. Это стало частью соглашения с целью уменьшения налогов на иностранную пошлину.

Затем деньги вновь были перенаправлены - на счета Google Ireland Holdings. В корпорации Google пояснили, что все налоги, которые положены по законодательству, выплачиваются в каждой стране мира, в которой дочерние компании зарегистрированы.

Как стало известно СМИ, нидерландская «дочка» Google используется для переноса тех доходов, которые были получены за пределами США. Затем средства направляются в ирландскую «дочку» на Бермудах, где компаниям разрешено не платить подоходный налог.

**https://www.gazeta.ru/social/news**

# Татбиқи барнома

## Рафти иҷрои "Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2019" дар соли 2018"

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар соли 2018 дар доираи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2019, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2010, таҳти №626 тасдиқ гардидааст, як қатор корҳои назаррасро ба сомон расондааст.**

### АЗНАВСОЗИИ СОХТОРӢ, ИДОРАИ НЕРӮИ ИНСОНӢ ВА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ АНДОЗ

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №456 азнавсозии сохторӣ ва функсионалии Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва раёсатҳои андоз дар вилоятҳо анҷом дода шуд, ки сохтори мақомоти андозро бештар ба хизматрасонӣ ба андозсупорандагон мутобиқ намуд.

Дар соли 2018 "Системаи иттилоотии идораи инсонӣ" бо се модули электронӣ, аз ҷумла портали шахсии ҳар як кормандди мақомоти андоз, портали баҳисобгирии кадрҳо, ки дорои маълумот оид ба фармонҳо, ба кор қабул намудан, мӯҳлати шартномаҳои меҳнатӣ, вақти рухсати меҳнатӣ ва портали берунаи кадрӣ (ҷойҳои кории холӣ), ки ба кор қабул намудан ба мақомоти андозро пурра электронӣ мегардонад, ба анҷом расонида шуд.

Мувофиқи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2018, №453 барномаи иттилоотии мазкур дар Кумитаи андоз аз 1 январи соли 2019 мавриди амал қарор дода шуда, минбаъд фаъолияти Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ва бахшҳои кадрии (кормандони масъули) мақомоти ҳудудии андоз бевосита бо истифодаи барномаи мазкур амалӣ мешавад.

Ҳамзамон, портали берунаи кадрӣ (ҷойҳои кории холӣ) дар сомонаи Кумитаи андоз ҷой шуда, аллакай, тибқи он беш аз 60 довталаб барои ба кор қабул кардан ба мақомоти андоз бо таври электронӣ ҳуҷҷат пешниҳод намудаанд. Минбаъд барои ҷойҳои кории холии Кумитаи андоз довталабон пурра аз портали берунаи кадрӣ (ҷойҳои кории холӣ) истифода намуда, ҳуҷҷатҳои худро дар шакли электронӣ ба Кумитаи андоз пешниҳод карда, дар рӯзи озмун ба Кумитаи андоз, бо огоҳии пешакӣ ки қаблан ҳозир мешаванд.

Бо истифодаи имкониятҳои замонавии такмили ихтисоси кормандони мақомоти андоз дар соли 2018 бо дарназардошти принсипи функсионалии маъмурикунонии андоз, дар Маркази такмили ихтисос аз рӯи 5 модули дарсӣ, дар маҷмӯъ, кормандони мақомоти андоз дар 50 давр 967 нафар, аз ҷумла дар Маркази такмили ихтисос дар 31 давр 686 нафар корманди мақомоти андоз бо курсҳои такмили ихтисос ва машғулиятҳои бозомӯзӣ фаро гирифта шуданд.

Инчунин, дар доираи Лоиҳаи ислоҳоти маъмурикунонии андоз дар моҳи декабр бо зиёда аз 350 нафар кормандии Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз, мақомоти ҳудудии андоз, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи аҳолии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон машғулиятҳои омӯзишӣ оид ба барнома ва модулҳои нави компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо гузаронида шуд.

### ИСТИФОДАИ БАРНОМАҲОИ МАХСУСИ ИТТИЛООТӢ

Вусъатёбии иқтисоди рақамӣ ва истифодаи барномаҳои махсуси иттилоотии компютерӣ ба рушди босуръати маъмурикунонии андоз замина гузоштааст. Ба ин восита, Кумитаи андоз дар соли 2018 дар самти рушди технологияи иттилоотӣ корҳои зеринро ба анҷом расонидааст:

-ҷиҳати фароҳам овардани хизматрасониҳои электронии нав ба андозсупорандагон, дар сомонаи Итернетии Кумитаи андоз модулҳои иловагии хизматрасонӣ аз қабили "Номнавис (сабт) намудани шахрвандон барои қабул дар Кумитаи андоз", "Хизматрасонии машваратӣ ба андозсупорандагон", "Андози даромад ва иҷора" мавриди истифода қарор дода шуд. Модулҳои мазкур ба андозсупоранда имконият медиҳад, ки қисми зиёди корҳои худро вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ ба тариқи онлайн анҷом диҳад;

-дар сомонаи Кумитаи андоз модули нави хизматрасонӣ мавриди амал қарор гирифт ки ба воситаи он муроҷиаткунандагон ариза ва ҳуҷҷатҳояшонро барои бақайдгирии давлатӣ ба мақомоти андоз ба тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд. То ин ҷониб 3230 нафар шаҳрванд барои анҷом додани амалҳои бақайдгирии давлатӣ ба тариқи электронӣ муроҷиат намудаанд ва аз ҷониби мақомоти андоз ҷиҳати васеъ намудани истифодаи ин намуди хизматрасонӣ, корҳои ташвиқотӣ идома дорад;

- аз 1 майи соли 2018 бо ҷалби ташкилотҳои қарзӣ шакли нави хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон ҷорӣ шуд, ки бо истифода аз он шаҳрвандон имконият пайдо намуданд бе ташриф овардан ба нуқтаҳои хизматрасонии "Амонатбонк" маблағи андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин, андоз аз воситаҳои нақлиёт ва боҷи давлатиро бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ ("Visa" ва "Корти миллӣ") пардохт намоянд.

-дар соли 2018 шумораи субъектҳои хоҷагидоре, ки эъломияҳои худро ба мақомоти андоз дар шакли электронӣ пешниҳод менамоянд, 18853 адад зиёд карда шуда, дар натиҷа имрӯз бо истифода аз барномаи компютерии "Утоқи шахсии андозсупоранда" 78423 андозсупоранда эъломияҳои худро бо тартиби мазкур пешниҳод намуда истодаанд;

Қайд кардан бамаврид аст, ки баъд аз анҷоми ташхиси пурраи бизнес – равандҳои мақомоти андоз дар охири моҳи июни соли 2018 дар доираи Лоиҳаи ислоҳоти маъмурикунонии андоз бо ширкати АЮНетворкс (Арманистон) қарордод ба имзо расонида шуд, ки мувофиқи он роҳандозӣ гардидани барномаҳои компютерии системаи иттилоотии нав, аз ҷумла барои таъмини бемамониати мубодилаи маълумот байни мақомоти давлатӣ дар шакли электронӣ ва ташкили иқтидори баланди кории махзанҳои иттилоотӣ пешбинӣ шудааст. Айни замон, аз ҷониби ширкати мазкур модулҳои нави бақайдгири аноздсупорандагон, баҳисобгирии андоз ва идоракунии андоз аз арзиши иловашуда таҳия шуда, дар моҳи декабри соли 2018 бо кормандони масъули Кумитаи андоз курсҳои омӯзишӣ гузаронида шуд. Инчунин, дар назар дошта шудааст, ки модулҳои мазкур аз оғози соли 2019 мавриди амал қарор дода мешаванд.

### БЕШТАРУ БЕҲТАР НАМУДАНИ ХИЗМАТРАСОНӢ БА АНДОЗСУПОРАНДАГОН

Кумитаи андоз ҷиҳати бештар ва беҳтар намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон бо мақсади дар шакли замонавӣ ба роҳ мондани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ, инчунин, сарфа намудани вақти андозсупорандагон, аз моҳи декабри соли 2017 қабули муроҷиати шаҳрвандон ба воситаи Маркази тамос шурӯъ намудааст, ки он имконият медиҳад муроҷиатҳои садой бо се забон дар шакли автоматӣ қабул, коркард ва ба онҳо ҷавоб гардонида шавад. Низоми Маркази тамос дорои функсияҳои тақсимкунии автоматии саволҳо ба бахши қонунгузорӣ, сабти ҳамаи муроҷиатҳо, занг задани баргашти автоматӣ, ирсоли огоҳӣ ва таҳияи ҳисобот мебошад.

Дар соли гузашта ба воситаи Маркази тамос оид ба масъалаҳои хизматрасонӣ ва андозбандӣ 41845 муроҷиати телефонӣ ворид гардида, ба ҳамаи онҳо тибқи муқаррароти Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ҷавоб дода шудааст. Илова бар ин, бо мақсади ҳаддалимкон васеъ намудани доираи корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ, дар раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон низ бахшҳои иттилоотӣ (кол-сентрҳо) ташкил шуд. Дар ин давра ба бахшҳои мазкур 823 муроҷиат ворид гардида, ба ҳамаи онҳо ҷавоб дода шудааст.

Кумитаи андоз пайваста баҳри баланд бардоштани савияи дониши андозсупорандагон вобаста ба масъалаҳои андозу андозбандӣ чораандешӣ намуда, пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тавзеҳотиро ба Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти андоз дохил намудааст, ки дар ин замина ҳамасола аз ҷониби мақомоти андоз ҳазорҳо семинар-машваратҳои зиёд бо андозсупорандагон баргузор мешавад. Аз ҷумла, дар соли 2018 аз ҷониби раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз бо андозсупорандагон, дар маҷмӯъ, зиёда аз 2970 семинар-машварат, видеоконференсияҳо, вохӯриҳо ва намоишу мусоҳибаҳо баргузор шудааст. Бо мақсади тарғиби моҳият, зарурат ва пардохти андозҳо ба буҷети давлатӣ дар ин давра зиёда аз 140 адад овезаҳо (банерҳои рекламавӣ) омода гардида, дар шоҳроҳҳо ва хиёбонҳои шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷойгир карда шудаанд. Алҳол корҳо дар ин самт идома доранд.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади дуруст ба роҳ мондани ҳалли баҳсҳо байни андозсупорандагон ва мақомоти андоз бо Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2015, таҳти №77 Шӯрои апеллятсионии Кумитаи андоз таъсис ёфт. Дар соли 2018 дар Шӯрои апеллятсионӣ дар асоси 10 муроҷиати андозсупорандагон вобаста ба масъалаҳои баҳсноки андоз, аз ҷумла баҳсҳое, ки дар натиҷаи санҷишҳои андоз ба миён омадаанд, 10 ҷаласа гузаронида шуда, дар натиҷа дар 7 ҳолат баҳсҳо ба манфиати субъектҳои хоҷагидор, дар 3 ҳолат ба манфиати буҷети давлатӣ ҳал шудаанд.

### ТАҲКИМИ ЗАМИНАҲОИ МОЛИЯВӢ ВА МОДДӢ – ТЕХНИКИИ МАҚОМОТИ АНДОЗ

Татбиқи чораҳои таҳкими заминаҳои молиявӣ ва моддӣ – техникии мақомоти андоз, аз ҷумла таъмини техникаи иттилоотӣ ва корӣ, яке аз вазифаҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, дар доираи маблағгузории Лоиҳаи ислоҳоти маъмурикунонии андоз ҷиҳати иҷрои талаботи банди мазкур корҳои ташкилию муҳандисии Маркази коркарди маълумот бо риояи талаботи техникӣ пурра ба анҷом расонида шуд.

Дар соли 2018 биноҳои нави нозиротҳои андоз дар ноҳияи Вахш ва шаҳри Бӯстон сохта ба истифода дода шуда, айни замон, корҳои сохтмонӣ дар биноҳои нави нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои Деваштич ва Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе идома дорад. Корҳои лоиҳакашии биноҳои нозироти андоз дар ноҳияҳои Ишкошим, Рошқалъа ва Синои шаҳри Душанбе, алакай оғоз гардидаанд.

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки минбаъд низ ҷиҳати дар сатҳи баланди касбӣ татбиқ кардани муқаррароти Барномаи рушди маъмурикунонии андоз, ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишудаи он ва такмили низоми маъмурикунонии андоз, аз тамоми имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода намояд.

**С. ВАЗИРОВ,**
**мудири бахши рушди маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Н. ЗОИРЗОДА,**
**мухбири "Боҷу хироҷ"**

# Омили пешгирикунанда

Мақомоти андоз бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагон дар марказҳои савдо ва бозорҳои кишвар пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ гузаронида истодаанд. Яке аз чунин корҳои назоратӣ гузаронидани хариди назоратӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсад аз ин амал боз ҳам хубтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорон ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз дар мавриди истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) мебошад.



Воқеан, мақсад аз гузаронидани санҷиши андоз, пеш аз ҳама, пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти сариваќтии маблағи андози дар рафти санҷиш ошкоршуда ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати минбаъд ба қонунвайронкуниҳои андоз роҳ надодани андозсупоранда мебошад. Анҷом додани корҳои назоратӣ яке аз самтҳои муҳим ва назарраси фаъолияти мақомоти андоз буда, бинобар ин, ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти Кумитаи андоз қарор дорад.

**Натиҷаи корҳои назоратӣ нишон медиҳанд, ки ҳарчанд маданияти андозсупории андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар гардидаю сатҳи қонунвайронкуниҳои андоз нисбатан коҳиш ёфтааст, аммо қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагони алоҳида ҳанӯз ҳам дида мешавад.**

Бо мақсади ҷоннок намудани фаъолияти мақомот дар самти гузаронидани хариди назоратӣ, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шудаанд, ки дар самти таъмини андозсупорандагон бо МНХ-и дорои ТИЭ ва гузаронидани хариди назоратӣ мунтазам чораҷӯӣ намоянд. Илова бар ин, кормандони шуъба ва бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шудаанд, ки дар фаъолияти андозсупорандагони вобасташуда дар як моҳ на кам аз панҷ хариди назоратӣ гузаронанд.

Тавре сардори шуъбаи назорати фаврии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Давлатзода иттилоъ дод, соли 2018 мақомоти андози кишвар, дар маҷмӯъ, 3688 хариди назоратӣ ба маблағи 12,7 млн. сомонӣ гузаронидаанд, ки 9,3 млн. сомонии он ба буҷет пардохт шудааст ва он 73,2 %-и пардохти ҷаримаҳои маъмуриро ташкил медиҳад. Кор дар самти маҷбуран ситонидани бақияи қарзи ҷаримаҳои маъмурӣ идома дорад.

Тибқи маълумот дар давоми соли 2018 аз тарафи шуъбаи назорати фаврии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 459 хариди назоратӣ ба маблағи 1880,5 ҳазор сомонӣ гузаронидаю дар ин асос протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шудаанд ва то имрӯз 1578,5 ҳазор сомонии он ба буҷет пардохт шудааст. Дар давоми сол, аз ҷониби Нозироти андозсупорандагони калон (НАК) ва шуъбаҳои он дар шаҳру ноҳияҳои кишвар 140 хариди назоратӣ ба маблағи 595600 ҳазор сомонӣ, Нозироти андозсупорандагони миёна (НАМ) ва шуъбаҳои он дар шаҳру ноҳияҳои кишвар 364 хариди назоратӣ ба маблағи 1274,5 ҳазор сомонӣ, Раёсати андоз дар вилояти Суғд 1124 хариди назоратӣ ба маблағи 3234,8 ҳазор сомонӣ, Раёсати андоз дар вилояти Хатлон 670 хариди назоратӣ ба маблағи 2161,9 ҳазор сомонӣ, Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе 574 хариди назоратӣ ба маблағи 2241,9 ҳазор сомонӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 357 хариди назоратӣ ба маблағи 1324,9 ҳазор сомонӣ гузаронида шудаанд.

Кормандони мақомоти андоз, ҳамчунин, дар шаҳру ноҳияҳои Шоҳмансур 56 хариди назоратӣ ба маблағи 196,4 ҳазор сомонӣ, Исмоили Сомонӣ 30 хариди назоратӣ ба маблағи 127,0 ҳазор сомонӣ, Фирдавсӣ 79 хариди назоратӣ ба маблағи 288,0 ҳазор сомонӣ, Сино 91 хариди назоратӣ ба маблағи 340, 0 ҳазор сомонӣ, Ҳисор 79 хариди назоратӣ ба маблағи 342,0 ҳазор сомонӣ Шаҳринав 19 харидҳи назоратӣ ба маблағи 94,0 ҳазор сомонӣ, Файзобод 25 хариди назоратӣ ба маблағи 72,0 ҳазор сомонӣ, Турсунзода 69 хариди назоратӣ ба маблағи 220,0 ҳазор сомонӣ, Рӯдакӣ 78 харидӣ назоратӣ ба маблағи 281,0 ҳазор сомонӣ, Ваҳдат 32 хариди назоратӣ ба маблағи 132,4 ҳазор сомонӣ, Варзоб 22 хариди назҳоратӣ ба маблағи 77,0 ҳазор сомонӣ, Хуҷанд 92 хариди назоратӣ ба маблағи 233,0 ҳазор сомонӣ, Исфара 86 хариди назоратӣ ба маблағи 351,0 ҳазор сомонӣ, Зафаробод 34 хариди назоратӣ ба маблағи 79 ҳазор сомонӣ, Панҷакент 59 хариди назоратӣ ба маблағи 203,0 ҳазор сомонӣ, Ҷаббор Расулов 26 хариди назоратӣ ба маблағи 97,0 ҳазор сомонӣ, Бӯстон 33 харидӣ назоратӣ ба маблағи 84,0 ҳазор сомонӣ, Айнӣ 24 хариди назоратӣ ба маблағи 74,0 ҳазор сомонӣ, Истаравшан 52 хариди назоратӣ ба маблағи 148,0 ҳазор сомонӣ, Конибодом 71 хариди назоратӣ ба маблағи 199,5 ҳазор сомонӣ, Бобоҷон Ғафуров 47 хариди назоратӣ ба маблағи 108,0 ҳазор сомонӣ Бохтар 34 хариди назоратӣ ба маблағи 88 ҳазор сомонӣ, Кушониён 17 хариди назоратӣ ба маблағи 63 ҳазор сомонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ 31 хариди назоратӣ ба маблағи 100 ҳазор сомонӣ, Ҷайҳун 15 хариди назоратӣ ба маблағи 32 ҳазор сомонӣ, Ёвон 43 хариди назоратӣ ба маблағи 225,7 ҳазор сомонӣ, Қубодиён 32 хариди назоратӣ ба маблағи 130,5 ҳазор сомонӣ, Кӯлоб 39 хариди назоратӣ ба маблағи 98 ҳазор сомонӣ ва Восеъ 22 хариди назоратӣ ба маблағи 57 ҳазор сомонӣ гузаронидаанд. Умуман, шумораи харидҳои назоратии гузаронидашуда дар соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 – ум 413 адад ва ба маблағи 1260,4 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Бо вуҷуди таъкидҳои пайвастаи роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар самти гузаронидани хариди назоратӣ, фаъолияти мақомот дар самти назорати истифодаи МНХ, аз ҷумла бо роҳи гузаронидани хариди назоратӣ аз ҷониби нозиротҳои андози баъзе аз шаҳру ноҳияҳо қаноатбахш нест. Яъне дар баробари он ки дар шаҳру ноҳияҳои зикргардида хариди назоратӣ гузаронида шудааст, ҳастанд шаҳру ноҳияҳое, ки дар он ҳамагӣ як хариди назоратӣ гузаронида шудааст. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Лахш 6 адад, Тоҷикобод 2 адад, Нуробод 2 адад, Сангвор 1 адад, Шаҳристон 2 адад, Носири Хусрав 4 адад, Темурмалик 6 адад, Муъминобод 4 адад, Шамсиддин Шоҳин 4 адад ва Балҷувон 1 адад хариди назоратӣ гузаронида шудааст, ки ин албатта аз бемасъулиятии кормандони нозиротҳои андоз дарак медиҳад.

Ин дар ҳолест, ки аз ҷониби шуъбаи назорати фаврии Раёсати санҷиши андозҳо дар соли 2017 оид ба гузаронидани харидҳои назоратӣ ва пешниҳоди сариваќтии ҳисобот ба мақомоти ҳудудии андоз барқиянома ирсол шуда буд. Тибқи барқияномаҳои ирсолшуда, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардида буданд, ки дар як моҳ аз 1 то 7 адад хариди назоратӣ гузаронанд.

**Бо мақсади тақвият бахшидан ва беҳтар кардани самаранокии гузаронидани харидҳои назоратӣ мақомоти ҳудудии андоз вазифадорор шудаанд, ки бо риояи талаботи муқарраротӣ Кодекси андоз ва мактубҳои супоришии Кумитаи андоз дар фаъолияти андозсупорандагон хариди назоратӣ гузаронанд. Аз ин рӯ, камбудиҳои дар самти гузаронидани корҳои назоратӣ ҷойдошта давра ба давра ислоҳ ва самаранокии фаъолият беҳтар таъмин карда шавад. Инчунин, соҳибкоронро зарур аст, ки ҳатман аз МНХ-и дорои ТИЭ истифода намоянд ва ҳаргиз ба қонуншиканиҳои андоз роҳ надиҳанд.**

**Мазҳаб ҶУМЪА**

**Кормандони нозироти андози шаҳри Хоруғ натиҷаи фаъолияти солонаи худро мавриди баррасӣ қарор доданд. Қисми даромади буҷет аз ҳисоби ҷамъоварии андоз 112,4 фоиз таъмин гардид. Ба гуфтаи сардори нозироти андози шаҳр Фахриддин Муҳиддинов, нозирот вазифадор шуда буд, ки ба буҷаи шаҳр 62 миллиону 774 ҳазор сомонӣ ворид месозад, аммо дар натиҷаи фаъолияти пурсамар ва ҳамкорӣ бо ситоди байнидоравии таъмини амният дар вилоят ба буҷаи шаҳр 70 миллиону 577 ҳазор сомонӣ ворид гашт.**

# Маркази омӯзиши соҳибкорон

Яке аз дигар омилҳои таъмини босифати нақшаи андоз ин ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо андозсупорандагон мебошад. Танҳо аз тариқи радио ва телевизиони маҳаллӣ кормандони нозироти андози шаҳр бо сокинони вилоят гуфтори мустақим роҳандозӣ намуда, ба суолҳои сершумори онҳо вобаста ба намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, андозҳо аз молу мулки манқул, воситаҳои нақлиёт, андоз аз арзиши иловашуда ва амсоли инҳо посух гардонданд. Мутаассифона, дар охири сол баъзе аз корхонаву ширкатҳои сохтмонӣ фаъолияти номуназзам доштанд ва ин ба нақшаи андоз аз арзиши иловашуда таъсири манфӣ расонд. Аз ҳисоби ин намуди андоз ба буҷаи шаҳр 475 ҳазор сомонӣ маблағ ворид нагардид. Сардори нозироти шаҳр аз ҳамкорони худ даъват намуд, ки манбаъҳои ин намуди андозро аз аввали сол муайян ва минбаъд фаъолияти онҳоро пайгирӣ намоянд. Сухан на дар бораи санҷиш, балки кумаку маслиҳат ба дастгирӣ меравад. Зеро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар таваҷҷуҳи роҳбарони мақомоти назоратиро ба густариши фаъолияти соҳибкорон ҷалб намуда, таъкид дошт, ки "бо мақсади баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иқтисодии соҳибкорон, расонидани кумак барои таҳияи лоиҳаҳои тиҷоратӣ ва дарёфти роҳҳои татбиқи онҳо, бахусус, ба субъектҳои соҳибкории навтаъсис ва ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ташкил намудани марказҳои хизматрасонӣ, ки дар як вақт вазифаи маркази таълимии соҳибкоронро иҷро мекунанд, чораҳои зарурӣ андешад". Инчунин, Пешвои миллат пешниҳод намуд, ки бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи соҳаи соҳибкорӣ дар кишвар барномаи хос зери унвони "300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ" роҳандозӣ гардад.

Дар робита ба ин пешниҳоди Пешвои миллат зарур аст, ки дар назди нозироти андози шаҳр низ як маркази омӯзиши соҳибкорон ташкил шавад. Барои таълиму тадриси соҳибкорон. Дар баробари кормандони нозироти андоз, ҳамчунин, устодони факултаи иқтисоди Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ва Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар шаҳри Хоруғро ҷалб намудан бамаврид аст.

Алҳол дар шаҳри Хоруғ 1235 нафар ба соҳибкорӣ машғул мебошанд, ки 466 нафари онҳо бо шаҳодатнома ва 819 нафар бо патент фаъоият мекунанд. Соли гузашта аз ҳисоби соҳибкорон ба буҷаи шаҳр 2,5 миллион сомонӣ маблағ ворид гардид. Дар муқоиса ба даҳ соли пеш вазъият комилан дигаргун гардидааст. Шароити молиявии соҳибкорон ҳам беҳтар гардидааст ва тарзу усулҳои бақайдгирӣ, пардохти андоз хеле сода шудааст.

Сардори нозироти андози шаҳр гуфт, ки яке аз камбудиҳои ҷиддӣ, ки мутаассифона сол аз сол такрор меёбад, ин афзоиши бақияпулиҳои андоз мебошад ва аз ҳамкорони худ даъват кард, ки дар семоҳаи соли равон бақияпулиҳоро ба таври назаррас коҳиш диҳанд ва дигар ба чунин камбудиҳо роҳ надиҳанд. Онҳое, ки аз супурдани бақияпулиҳо сарпечӣ мекунанд ва ба огоҳиномаҳои чандкаратаи нозироти андоз эътибор намедиҳанд, ба воситаи суди иқтисодӣ амволашон дар музоида ба фурӯш ва маблағи бадастомада ба буҷаи маҳаллӣ ворид карда шавад.

**Довар БОВАР**



«Бо мақсади баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иқтисодии соҳибкорон, расонидани кумак барои таҳияи лоиҳаҳои тиҷоратӣ ва дарёфти роҳҳои татбиқи онҳо, бахусус, ба субъектҳои соҳибкории навтаъсис ва ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ташкил намудани марказҳои хизматрасонӣ, ки дар як вақт вазифаи маркази таълимии соҳибкоронро иҷро мекунанд, чораҳои зарурӣ андешад».

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# Назорати камералӣ

## санҷиши андоз нест

Анҷом додани корҳои назоратӣ, аз ҷумла назорати камералӣ, ки яке аз самтҳои муҳиму афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб меравад, дар ҳалли масъалаи сари вақт гирифтани пеши роҳи ҳар гуна қонунвайронкуниҳо ва ҷорӣ намудани тартиби аз ҷиҳати қонун асосноки пардохти андозҳо мавқеи муайянро ишғол менамояд. Вақтҳои охир миёни соҳибкорону тоҷирон атрофи масъалаи корҳои назоратӣ, яъне тавассути назорати камералӣ ошкор сохтани маблағҳои пинҳонмонда баҳсу мунозираҳои зиёд ба вуҷуд омадаанд. Боиси таассуф аст, ки баъзе андозсупорандагон то ҳанӯз ба мавқеъ ва мазмуни ин шакли назорати андоз сарфаҳм нарафта, назорати камералиро ҳам як намуди санҷиши андоз мефаҳманд. Ҳол он ки фарқ байни санҷиши маҷмӯии андозу назорати камералӣ, ба қавли коршиносон, аз фарш то арш аст. Зеро назорати камералӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андози пешниҳоднамудаи андозсупоранда, маълумоти мақоми ваколатдор ва дигар ҳуҷҷатҳо дар маҳалли ҷойгиршавии мақомоти андоз анҷом дода мешавад. Бо ибораи дигар, назорати камералӣ тартиби муайяни таҳлили пардохти як ва ё якчанд намуди андозҳо буда, андозупорандаро оид ба вайрон карда шудани тартиби пардохти маблағи ин ё он намуди андоз огоҳ месозад.

Соҳибкори инфиродӣ Т. Воҳидов аз ҷамоати деҳоти Баҳори шаҳри Ваҳдат ба идораи рӯзномаи "Боҷу хироҷ" телефонӣ муроҷиат намуда, мегӯяд, ки тахминан ним сол пеш мақомоти ҳудудии андоз дар шаҳри Ваҳдат дар фаъолияти ӯ назорати камералӣ гузаронида, дар пардохти маблағи андози низоми содакардашуда, андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ ба маблағи 11 ҳазор сомонӣ маблағи бариловаи андоз ҳисоб намуд. Албатта, маблағи мазкурро ман пурра пардохт намудам. Гап дар он аст, ки чанде пеш кормандони мақомоти андоз маро боз даъват намуда, огоҳ карданд, ки фаъолияти ду соли охир анҷомдодаи ман мавриди санҷиш қарор дода мешавад. Ин дар ҳолест, ки аз вақти гузаронидани назорати камералӣ ҳанӯз шаш моҳи пурра нагузаштааст. Аз ҳамин нуқтаи назар мехостам бидонам, ки мақомоти андоз оё метавонад дар як сол фаъолияти маро ду маротиба мавриди санҷиш қарор диҳад? Мехостам тавассути ҳафтаномаи "Боҷу хироҷ" ба суоли худ посух бигирам.



**Ҳарчанд ки оид ба ин масъала рӯзнома маводи зиёде омода ва ба дасти чоп медиҳад, вале на ҳама соҳибкорон дар бораи назорати камералӣ маълумоти кофӣ доранд. Аз ин хотир мо зарур донистем, ки мавзӯи мазкурро ба соҳибкор Т. Воҳидов бори дигар тавассути мисолҳои мушаххас таҳлил ва пешниҳод намоем.**

Пеш аз ҳама ҳаминро мехостем таъкид намоем, ки ҳар як соҳибкор, ӯ хоҳ инфиродӣ бошад хоҳ ҳуқуқӣ, дар навбати аввал, бояд дониши хубу мукаммали иқтисодию ҳуқуқӣ дошта бошад. Зеро пешаи соҳибкорӣ ин ду амалро пайваста тақозо мекунад. Барои ҳамин ҳам соҳибкоро зарур аст, ки паҳлуҳои гуногуни қонуни андозро бояд хуб донад ва ҳисобу пардохти андозҳоро мустақилона банду баст карда тавонад. Тибқи қонунгузории андоз назорати камералӣ санҷиши андоз нест ва он барои гузаронидани санҷиши маҷмӯии андоз низ ҳеҷ як монеа эҷод намекунад. Яъне он танҳо як шакли назорат аст, ки дар асоси маълумотҳои ба мақомоти андоз пешниҳодкардаи андозсупоранда амалӣ карда мешавад. Аниқтараш, барои гузаронидани назорати камералӣ маълумоти нопура, нодуруст ва таҳрифкоронаи дар эъломияҳои андоз дарҷшуда асос мегарданд. Аз ин нуқтаи назар, кормандони мақомоти андоз мутобиқи нақшаи гузаронидани санҷишҳои андоз ҳуқуқ доранд фаъолияти дусолаи соҳибкорро таҳти санҷиши маҷмӯӣ қарор диҳанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки кормандони андоз дар асоси қонунгузории мақомоти андоз ва ваколатҳои худ вазифадоранд, ки доир ба риояи қонунгузории андоз дар шаклҳои гуногун корҳои назоратӣ гузаронанд. Яке аз шаклҳои самараноки анҷом додани корҳои назоратӣ ва пешгирии пинҳонкунии андозҳо ин назорати камералӣ мебошад, ки чунин шакли назорат санҷиши андоз ба ҳисоб намеравад.

**Ёдрас мешавем, ки назорати камералӣ, асосан, оид ба масъалаҳои зерин гузаронида мешавад:**

*- мутобиқат байни маълумоту ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи андозсупоранда ва маълумоту ҳуҷҷатҳое, ки дар мақомоти андоз мавҷуданд;*

*- бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда;*

*- қонунӣ будани истифодаи низомҳои андоз;*

*- қонунӣ будани истифодаи имтиёзҳои андоз;*

Ҳоло барои намуна назорати камералии дар фаъолияти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Ҳоҷӣ Маҳмуд", воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, ки 10 ноябри соли 2018 гузаронида шудааст, пешкаши шумо менамоем.

Мутобиқи муқаррароти моддаҳои 57-58 ва қисми 2-и моддаи 84 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ки бо Фармони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 107 аз 12 майи соли 2010 тасдиқ шудааст, кормандони мақомоти ҳудудии андоз дар шаҳри Ваҳдат дар асоси омӯзиш, таҳлилу муқоисаи ҳисоботи (эъломияҳои) андоз ва дигар маълумоти ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаи андозсупоранда, инчунин маълумоти мутобиқ ба қисми 2 моддаи 84 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасшуда дар фаъолияти корхонаи тиҷоратии "Ҳоҷӣ Маҳмуд" назорати камералӣ анҷом доданд.

Дар ҷараёни гузаронидани назорати камералӣ аз рӯи СИА "Баҳисобгирии андозҳо - шахсони ҳуқуқӣ" (тафсири 3) муайян шуд, ки дар корхона 4 нафар коргари кироя ба кор ҷалб шуда, ҳар моҳ ба онҳо ба ҳисоби миёна ба маблағи 1200 сомонӣ музди маош дода мешавад. Дар ҳисоботи пешниҳоднамудаи корхонаҳои тобеи ҷамъият низ музди миёнаи моҳонаи кормандон аз 1000 то 1200 сомонӣ нишон дода шудааст.

Нисбати амалиётҳои андозбандишавандаи андози арзиши иловашудаи нуҳ моҳи соли 2018 аз рӯи СИА "Баҳисобгирии андозҳо - шахсони ҳуқуқӣ" (тафсири 3) муайян шуд, ки тибқи ҳисоботи пешниҳодгардида корхона амалиётҳои анҷомдодаи хешро дар ин давра ба маблағи 506370,7 сомонӣ нишон додааст, ки маблағи номбурда ба ҳисоби миёна дар як моҳ 56263,4 сомонӣ ва дар як рӯз 1875,4 сомониро ташкил медиҳад ва аз рӯи ченак ба 240,4 литр сӯзишворӣ баробар мебошад. Нисбати бақияи молу маҳсулоти ҷамъият аз рӯи барнома муайян шуд, ки ба аввали давраи соли 2018 бақияи мол вуҷуд надорад. Давоми 9 моҳи соли 2018 корхона ба маблағи 357605,7 сомонӣ харидимол намуда, ба якуми октябри соли 2018 тибқи ҳисоботи пешниҳодшуда маблағи бақияи молу маҳсулот нишон дода нашудааст.

Аз рӯи барномаи СИА "Баҳисобгирии андозҳо - шахсони ҳуқуқӣ" (тафсири 3) муқаррар шуд, ки хароҷоти корхона дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 51397 сомониро ташкил медиҳад, ҳол он ки дар ҷамъияти мазкур боз хароҷоте низ ҳастанд, ки дар барномаи СИА "Баҳисобгирии андозҳо"-и мақомоти ҳудудии андоз дарҷ нагардида, дар ҷамъбасти соли тақвимӣ ҳангоми пешниҳоди тавозун ва эъломияи андози фоидаи корхона нишон дода мешавад. Ҳамчунин таҳлилҳо нишон дод, ки болонархии корхонаҳои соҳаи НФС ҳангоми хариду фурӯш аз 8 то 20 фоизро ташкил медиҳад. Мутобиқ ба таҳлилҳои гузаронидашуда метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки аз рӯи хароҷоти нишондодашуда ва болонархии корхона корхонаро барои рӯйпӯш намудани хароҷоти моҳона бе дарназардошти фоидаи бадастовардааш 556371 сомонӣ фурӯши сӯзишворӣ зарур аст. Аз ин лиҳоз, дар асоси талаботи моддаҳои 23, 24, 109, 157, 158, 181 ва 249 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маблағи 556371 сомонии муайян карда шуда амалиётҳои дар боло нишондодашударо, ки тули 9 моҳ маблағи 506370,7 сомониро ташкил медиҳад, ба ҳисоб гирифта, аз маблағи 52777,7*18% = 9500 сомонӣ андоз аз арзиши иловашуда, 527,7 сомонӣ андози фоида ва 132 сомонӣ андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ҳамчун андозҳои иловагӣ ҳисоб гардид.

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Ҳоҷӣ Маҳмуд" бо сабаби роҳ додан ба таҳрифкориҳо дар ҳисоботи андоз мутобиқи хулосаи назорати камералӣ ба маблағи 10159,7 сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод карда, маблағи номбурдаро ҳамчун маблағи бариловаи ҳисобшудаи андоз ба буҷа бояд пардохт намояд. Хулоса, азбаски дар ҷараёни назорати камералӣ вайронкуниҳои эҳтимолии қонунгузории андоз ошкор гардиданд, ба андозсупоранда бо талаби дар муҳлати 5 рӯзи корӣ пешниҳод кардани тавзеҳот, ҳуҷҷатҳо ва иҷро намудани дигар уҳдадориҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз огоҳинома фиристода шуданд.

**Муҳаммадӣ ТАБАРЗОДА**

# Чек-лист для проверки электронного документа на юридическую значимость

Мы часто говорим о представлении электронных документов в суд. При этом давно не поднимали тему юридической значимости. Пожалуй, с этого стоило начать цикл статей про электронное правосудие. Предлагаю обсудить, из чего же складывается юридическая значимость любого документа, и на что стоит обратить внимание при проверке документа на соответствие требованиям действующего законодательства в области ЭДО. Информация будет полезна всем: кто уже работает с электронными аналогами и тем, кто только открывает для себя новую область знаний.



Согласно ГОСТ Р 7.0.8-2013 юридическая значимость – это свойство документа выступать в качестве подтверждения деловой деятельности либо событий личного характера. Документы, участвующие в хозяйственной жизни компании, должны соответствовать определенным требованиям действующего законодательства. При этом не имеет значения, бумажные они или электронные. Важно понимать, что состав требований будет разным. В случае с бумагой достаточно удостовериться в правильности заполнения формы и убедиться в том, что у подписавшего лица было на это право. При работе с электронным аналогом появляется новая составляющая – о ней ниже.

### Обратите внимание на метаданные: XML-схему или формат

Метаданные – это информация о другой информации, или данные, относящиеся к дополнительным сведениям об объекте (в нашем случае о документе). Структурированные метаданные называют схемой. Яркий пример – XML. Кстати, все утвержденные на сегодняшний день форматы электронных документов это ни что иное, как XML-схемы. Другими словами, формат – это структурированные метаданные или информация, описывающая документ, и позволяющая информационным системам работать с ним.

Исходя из этого, все электронные документы принято делить на неформализованные и формализованные – те, для которых существует XML-схема. Перечислю их:

- счет-фактура;
- корректировочный счет-фактура;
- документ о передаче товаров (аналог ТОРГ-12);
- документ о передаче результатов работ/об оказании услуг (аналог акта выполненных работ);
- универсальный передаточный документ;
- универсальный корректировочный документ.

Обязательными для применения являются форматы электронного счета-фактуры и его корректировки, утвержденные Приказами ФНС РФ от 24.03.2016 года №ММВ-7-15/155@ и от 13.04.2016 №ММВ-7-15/189@ соответственно:

Счет-фактура в формате XML

Все остальные форматы рекомендованы налоговой службой и необязательны к применению. XML-схемы можно разрабатывать самостоятельно, но помните, что использовать готовые гораздо удобнее, так как они уже поддерживаются операторами ЭДО счетов-фактур, а значит, вы экономите трудозатраты вашего бизнеса.

Чтобы проверить, соответствует ли формат установленным законодательством требованиям, просто загрузите документ в сервис оператора ЭДО счетов-фактур. В случае несоответствия появится сообщение об ошибке.

Таким образом, юридически значимый электронный документ должен соответствовать утвержденному действующим законодательством формату.

### Встречают не по одежке, а по форме: всё ли заполнено по правилам?

Любая информационная система работает именно с форматом документа, то есть с его XML-схемой. Человеку тяжело воспринимать набор символов, тем более сложно работать в таком режиме с документами. Для удобства конечного пользователя существует форма электронного документа – такое его отображение, которое мы привыкли всегда видеть:

Форма электронного счета-фактуры однозначно соответствует формату (изображение выше), но представлена в удобном для работы виде

К формам и правилам их заполнения также установлены требования:

- Форма счета-фактуры обязательна к применению и утверждена.
- Форма первички должна содержать ряд обязательных реквизитов, обозначенных в ст. 9 Федерального закона «О бухгалтерском учете».

Чтобы раз и навсегда разобраться в понятиях, рекомендую ознакомиться со статьей «Форматы и формы электронных документов. В чем разница?»

Проверить правильность заполнения поможет сервис оператора ЭДО счетов-фактур. При создании документа в веб-клиенте или при его загрузке в систему (в случае работы через интеграционное решение) сервис подскажет, какие исправления необходимо внести, чтобы документ соответствовал всем действующим требованиям.

### Электронная подпись в законе

Подпись – неотъемлемый реквизит юридически значимого документа. Отношения в области использования электронной подписи (далее – ЭП) регулирует Федеральный закон «Об электронной подписи». Российское законодательство определяет три вида ЭП:

- простая,
- усиленная неквалифицированная,
- усиленная квалифицированная.

Сертификат ЭП



Выбор вида подписи зависит от требований действующего законодательства и/или условий соглашения, заключенного между контрагентами. Для подписания электронных счетов-фактур используется исключительно усиленная квалифицированная ЭП – данное требование зафиксировано в Налоговом кодексе РФ. При работе с первичкой допускается использование любой подписи.

Интересно, что во Франции Гражданский кодекс предполагает презумпцию подлинности любой ЭП, пока не будет доказано обратное. При соблюдении ряда требований, которые предъявляет к ЭП действующее законодательство. Об этом в своем блоге подробно написала Наталья Храмцовская, ведущий эксперт по управлению документацией в компании «Электронные Офисные Системы». К сожалению, российское законодательство ничего подобного не предлагает.

***

Подведем итоги. Электронный документ признается юридически значимым, если:

*1. Формат соответствует всем требованиям действующего законодательства в случае его обязательного применения.*

*2. Документ оформлен в соответствии со всеми требованиями и правилами заполнения.*

*3. Электронная подпись корректна, выбран подходящий вид. Лицо, подписавшее документ, обладало соответствующим правом на момент подписания.*

**Карина Кассис**

**Источник: http://taxpravo.ru**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Сколько мигранту надо платить за патент в России в 2019 году?

Ежегодно стоимость главного документа мигранта, дающего ему право на работу в России, повышается. Каждый регион РФ в праве самостоятельно решать на сколько повышать цену за патент. В 2019 году практически во всех регионах России мигрантам придется больше платить за патент, кроме этого не забывайте, что если вы получаете патент впервые то, вам придется учесть расходы на экзамены медстраховку и другие сопутствующие для получения патента справки.

Больше всего за патент в 2019 году будут платить мигранты работающие в Республике (Саха) Якутия - в месяц придется платить 9335 рублей, вторым идет Ямало-Ненецкий автономный округ 8845 рублей. Дешевле всего патент обойдется иностранцам работающим в Республике Алтай - 2807 рублей и в Северной Осетии (Алания) - 2967 рулей в месяц.

В Москве и в Санкт-Петербурге этот документ стоит теперь - 5000 и 3800 рублей соответственно. в Московской области - 4750 рублей, а в Ленинградской области - 3800 рублей.

**https://migrant.news.tj/post/5548**



# Истифодаи босамари захираҳо

**15-уми январи соли 2019 дар Нозироти андозсупорандагони калон ҷаласа баргузор шуд, ки дар он муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикстон Карим Гулмуродзода иштрок дошт.**



Нахуст сардори Нозироти андозсупорандагони калон Абдулқаюм Воҳидов дар бораи натиҷаҳои фаъолияти НАК дар соли 2018 суханронӣ намуд. Ӯ аз ҷумла гуфт, ки кормандони Нозироти андозсупорандагони калон дар асоси сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастуру супоришҳои Ҳукумати мамлакат ва фармоишҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият карда, дар соли 2018 ҷиҳати иҷрои нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикстон барои соли 2018» корҳои зиёдро анҷом доданд.

Дар ҷаласа зикр шуд, ки дар соли 2018 иҷрои нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки ҷамъоварии онҳо ба зиммаи Нозироти андоз (Дастгоҳи марказӣ, шуъбаҳои он дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе) гузошта шудааст, ба андозаи 94,1% таъмин гардида, ба ҷойи 5 069,9 млн. сомонии пешбинишуда (бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) ба буҷет 4 770,8 млн. сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ 299,1 млн. сомонӣ кам буда, нисбат ба маблағҳои дар ҳамин давраи соли 2017 воқеан ҷамъоваригардида, ба маблағи 433,3 млн. сомонӣ ё худ 9,9% зиёд мебошад.

Инчунин, дар давраи ҳисоботӣ нақшаи андози иҷтимоӣ (ғайрибуҷетӣ) аз ҳисоби андозсупорандагон ба андозаи 102,7% иҷро гардида, ба ҷойи 565,6 млн. сомонии пешбинишуда ба суратҳисобҳои дахлдори Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 580,6 млн. сомонӣ ҷамъоварӣ карда шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ 15,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Баъдан, муовини сардори Нозироти андозсупорандагони калон Саидаҳтам Халифазода сухан ронда, қайд кард, ки новобаста аз таъсири омилҳои иқтисодии беруна вазни қиёсӣ ва ҳиссаи воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии давлатӣ, нисбат ба нақша ва қисми даромади умумии буҷети давлатӣ тамоюли афзоиш дорад. Дар соли 2018 вазни қиёсии воридоти андозҳои НАК нисбат ба даромадҳои буҷети давлатӣ (бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) 46,0 фоиз ё худ 4,8 млрд. сомониро ташкил намуд, ки 438,1 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Сипас, муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Карим Гулмуродзода суханронӣ намуд. Мавсуф қайд кард, ки натиҷаи таҳлилҳои фаъолияти андозсупорандагон шаҳодат медиҳад, ки дар сурати дуруст роҳандозӣ гардидани корҳои таҳлилию назоратӣ ва фаҳмондадиҳӣ имконияти воқеии боз ҳам зиёд намудани воридоти андозҳо ҷой дорад.

Номбурда барои самаранoктар кардани фаъолият ва рафъ намудани камбудиҳои ҷойдошта, инчунин, беҳтар сохтани фаъолияти НАК дар соли 2019 дастурҳои иловагӣ дод.

Дар охир сардори Нозироти андозсупорандагони калон изҳори итминон кард, ки барои бештар намудани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ, кам намудани бақияи қарзи андозҳо, беҳтар намудани корҳои таҳлилию назоратӣ ва ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта тамоми донишу малакаи худро истифода намуда, ҷиҳати иҷрои нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» чораҳои иловагӣ меандешанд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

# Заминаи асосии рушди соҳибкорӣ

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз санадҳои муҳим буда, дар рушди ҳама соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат саҳми намоён мегузорад. Бояд гуфт, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳояшон ба Маҷлиси Олии мамлакат ҳамеша ҷиҳати рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат ба масъулон дастур медиҳанд, ки дар заминаи онҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд таҳия ва қабул гардида, дар баланд гардидани шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолии кишвар, дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва рушди он, таъмини адолати иҷтимоӣ, волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дар маҷмӯъ, рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол мусоидат менамоянд.**

Илова бар ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар паёмҳояшон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи соҳибкорӣ диққати махсус медиҳанд ва ҷиҳати рушду инкишофи соҳаи мазкур, муқаррар намудани имтиёзҳо ба соҳибкорон ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо ба мақомоти дахлдори давлатӣ супоришҳои мушаххас медиҳанд.

Дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари дигар масъалаҳои муҳимму умдаи ҳаёти давлатии мамлакат, оид ба дастгириву рушди соҳибкорӣ ва такмили қонунгузории соҳаи мазкур изҳори ақида намуданд. Сарвари давлат аз ҷумла чунин таъкид намуданд: «Мо соли ҷорӣ бо мақсади бартараф намудани санҷишҳои беасосу такрорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ дар давоми ду сол мораторий эълон намудем, ки аз он қариб 2000 субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ бархурдор гардиданд».

Аз ин лиҳоз, ҷиҳати тақвият бахшидан ба ин раванд, Президенти мамлакат зарур шумориданд, ки солҳои 2019-2020 тамоми санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ манъ карда, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» ба ҳамаи мақомоти санҷишу назорат ва ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Бонки миллӣ ва мақомоти андозу гумрук низ татбиқ карда шаванд.

Ҳамзамон, бо мақсади таъмин намудани риояи дақиқи муқаррароти қонунгузорӣ дар самти мораторий ба Прокуратураи генералии мамлакат супориш дода шуд, ки дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ нисбат ба масъулони мақомоти давлатие, ки ба фаъолияти соҳибкорон беасос дахолат карда, садди роҳи рушди соҳибкорӣ мешаванд, чораҳои зарурӣ андешад.

Гузашта аз ин, барои бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ ва таъмини самаранокии хизматрасониҳои давлатӣ ба соҳибкорон ва аҳолӣ ба Ҳукумати ҷумҳурӣ супориш дода шуд, ки дар соли 2019 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ»-ро таҳия ва пешниҳод намояд. Ҳамчунин, Пешвои миллат пешниҳод намуданд, ки бо мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкорон дар кишварамон «300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ» амалӣ карда шавад.

Сарвари давлат оид ба такмилдиҳии донишҳои ҳуқуқиву молиявӣ ва иқтисодии соҳибкорон ва ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ низ ибрози андеша намуданд. Аз ҷумла, таъкид шуд, ки «бо мақсади баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иқтисодии соҳибкорон, расонидани кумак барои таҳияи лоиҳаҳои тиҷоратӣ ва дарёфти роҳҳои татбиқи онҳо, бахусус, ба субъектҳои соҳибкории навтаъсис ва ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ташкил намудани марказҳои хизматрасонӣ, ки дар як вақт вазифаи маркази таълимии соҳибкоронро иҷро мекунанд, чораҳои зарурӣ андешад».

Мусаллам аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби давлату Ҳукумати ҷумҳурӣ барои дастгирии давлатии соҳибкорон ва рушди соҳибкорӣ, ки он заминаи асосии ташкили ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани шароити иқтисодиву иҷтимоии аҳолии кишвар мебошад, ҷиҳати муқаррар намудани имтиёзҳо ба соҳибкорон ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо тамоми чораҳои ташкиливу амалӣ андешида мешаванд. Аз ҷумла, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» (аз 17 майи соли 2004, №37), «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» (аз 19 майи соли 2009, №508), «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» (аз 26 июли соли 2014, №1107), «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» (аз 2 августи соли 2011, №751), «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» (аз 21 феврали соли 2018, №1505), Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (17 сентябри соли 2012, №901) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки онҳо ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои соҳибкорон, таъмини фаъолияти озоди соҳибкорон, дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва дар маҷмӯъ рушду инкишофи соҳаи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидаанд.

Ҳамин тавр, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми паҳлӯҳои ҳаёти ҷомеаи мамлакатро фаро гирифта, ба рушди ҳама бахшҳои хоҷагии халқи мамлакат, алалхусус соҳибкорӣ мусоидат менамояд.

**Фирӯз САЙНОЗИМЗОДА,**

**мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон**

# МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯихати субъектҳои бефаъолиятро тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, хориҷ намудани шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷии бефаъолият”, ҷиҳати хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатӣ пешниҳод менамояд.

Аз шумо хоҳиш менамоем, ки арзу шикоятҳоро нисбати андозсупорандагони бефаъолият, ба Бахши иттилоотӣ бо рақамҳои содакардашудаи телефонии 151 ва 152 ё ба Кумитаи андоз бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2 пешниҳод намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## Рӯихати андозсупорандагони бефаъолияти ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, ки барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд.

| № | Ном ва насаби андозсупоранда | Санаи бақайдгирӣ | РЯМ |
|---|---|---|---|
| | ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ | | |
| 347 | ҶДММ «ЗАРВОН КОРПОРЕЙШН» | 10.окт.08 | 010026355 |
| 348 | ҶДММ «НЕ РА МА» | 14.дек.10 | 040032735 |
| 349 | ҶДММ «ЕВРО СТИЛ 2014» | 25.июн.14 | 040046172 |
| 350 | ҶДММ «НТМ АУДИТ ВА КОНСАЛТИНГ» | 15.июл.15 | 040048837 |
| 351 | ҶДММ «БОҚИЕВ М» | 14.мар.13 | 040039755 |
| 352 | ҶДММ «ЯП» | 10.апр.09 | 030016165 |
| 353 | ШСМ «БИНОИ ФИРДАВС» | 07.окт.11 | 040034971 |
| 354 | ҶДММ « САЙЁҲ 2010» | 09.мар.10 | 040030243 |
| 355 | ҶДММ «САЙРИ ИБРАТ» | 03.сен.10 | 040031952 |
| 356 | ҶДММ «СТФ СЕРВИС» | 14.авг.03 | 020015625 |
| 357 | ФШММ «Милд ист трейдинг сервис» дар ҶТ | 05.апр.11 | 040033614 |
| 358 | ФШ «АФРИДИ ТРЕЙДЕРС» дар ҶТ | 29.мар.12 | 040036179 |
| 359 | ҶДММ «ШОКИР 2010» | 09.фев.10 | 040029987 |
| 360 | ҶДММ «ПОРСИЁН» | 07.окт.04 | 040017153 |
| 361 | ҶДММ «МАРКАЗИ ТЕХНАЛОГИЯҲОИ ИНОВАТСИОНИИ СДМ» | 04.дек.13 | 040044899 |
| 362 | ҶДММ «ТОЗА ТРЕЙДИНГ» | 19.янв.15 | 040047603 |
| 363 | ҶДММ «БИЗОНС» | 29.фев.08 | 040024983 |
| 364 | Намояндагии ШС Мисрии «ДЕЛТА - ФАРМА» | 18.авг.09 | 040028522 |
| 365 | ҶДММ «ОШХОНАИ ПАҲЛАВОН» | 23.мар.13 | 040040095 |
| 366 | ҶДММ «НАҚШБАНДИ АСР» | 24.фев.14 | 040045471 |
| 367 | ҶДММ «ТРАНСФОР-КОМПАНИ» | 23.сен.09 | 040028824 |
| 368 | ҶДММ «СХК ГРУП» | 10.фев.11 | 040033241 |
| 369 | НШ «VANGUARD BULDING TECHNOLOGY CORP»дар ҶТ | | 040013202 |
| 370 | ҶДММ «Саидон-2009» | 08.сен.09 | 040028682 |
| 371 | ҶДММ «ДИЛНОЗ» | 19.июн.03 | 040014906 |
| 372 | ҶДММ «СХТМОН СТРОИТЕЛЬ» | | 040020730 |
| 373 | МОТК «НУРИ ХОВАР» | 27.июл.10 | 040031506 |
| 374 | ҶДММ «ДУШАНБЕ ТУР» | 19.дек.14 | 040047364 |
| 375 | ҶДММ «НАШРИЁТИ АЛИФ» | 25.июл.07 | 040023064 |
| 376 | ҶДММ «ДИЛХОҲ 2016» | 27.окт.16 | 040051075 |
| 377 | ООО корпорация «Ховар» | | 010006864 |
| 378 | ҶДММ «СИПАНД» | 10.сен.08 | 040026435 |
| 379 | ҶДММ «СЧАСТЛИВОГО ПУТИ» | | 040021279 |
| 380 | НШ «СОДОТ АФГОН БАХТИЁР ЛТД» ДАР ҶТ | 14.фев.12 | 040035856 |
| 381 | ҶДММ «ПАМУК» | 28.янв.11 | 040033102 |
| 382 | ҶДММ «Аврангзеб» | 08.ноя.06 | 040021780 |
| 383 | ҶДММ «ДАХБЕД» | 16.мар.09 | 040027475 |
| 384 | ҶДММ «ТОҶИ СОМОН» | 13.фев.15 | 040047881 |
| 385 | ҶДММ «ТИҶОРАТИ БАЙНАЛМИЛАЛИ ФОРС СОМОН» | 28.мар.16 | 040050072 |
| 386 | ҶДММ «Сомон-Хуча» | 08.окт.08 | 040026585 |
| 387 | ҶДММ «РУШД ФАРМА» | 12.ноя.09 | 040029173 |
| 388 | ҶДММ «МЕД ТРАНС ГРУПП» | 04.май.11 | 040033845 |
| 389 | ҶДММ «НАРЗИ 37» | 01.окт.14 | 040046831 |
| 390 | ҶДММ «САБО 2015» | 19.ноя.14 | 040047180 |
| 391 | ҶДММ «СТРОИТЕЛЬ ГИДРОТЕХНИК» | 14.янв.04 | 040015772 |
| 392 | ҶДММ «СЕЛЕНА ДУНЯСИ» | 27.фев.08 | 040024962 |
| 393 | ҶДММ «Бародарони Мақсадрасон» | 04.дек.09 | 040029291 |
| 394 | ҶДММ «АНИСА 2010» | 12.фев.10 | 040030054 |
| 395 | ҶДММ «Солор» | 18.сен.09 | 040028785 |
| 396 | ҶДММ «Ченс Инк Точикистон» | 01.окт.09 | 040028887 |
| 397 | ҶДММ «ИСТИНВЕСТ» | 27.сен.06 | 040021523 |
| 398 | ҶДММ «БУМЕРАНГ» | 03.фев.14 | 040045353 |
| 399 | ҶДММ «БИЗНЕС ОФИС ЭКЮИПМЕНТ» | 10.окт.12 | 040037605 |
| 400 | ҶДММ МЕДЛАЙН | | 040022395 |
| 401 | ҶДММ «ТИҶОРАТИ ИСТЕХСОЛИ ЕВРОП АЗИЯ» | 09.авг.11 | 040034593 |
| 402 | ҶДММ «ТОҶПОЛИС» | 18.апр.11 | 040033732 |
| 403 | ҶДММ «БАЗИС-Д» | 24.мар.13 | 040040231 |
| 404 | ҶДММ «САЁҲАТ» | 02.июн.99 | 050001824 |
| 405 | ҶДММ «ГУЛИ СУРХ» | 16.фев.11 | 040033283 |
| 406 | ҶДММ»Ит. Сар. рушд. Мамол. Осиё.миён | | 040019891 |
| 407 | ҶДММ»ОРИЁН МАЙНИНГ КОРПОРЕЙШН» | 19.янв.11 | 040033005 |
| 408 | ҶДММ «ТИББИ АНЪАНАВИИ ХИТОЙИ ҒАРБӢ» | 11.апр.13 | 040041578 |
| 409 | ҶДММ «АПЕКС ГРУПП» | 06.май.08 | 020026356 |
| 410 | ҶСП «АЙ ДИ ПАК» | 11.май.11 | 040033921 |

## Рӯихати андозсупорандагони бефаъолияти ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, ки барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд.

| № | Ном ва насаби андозсупоранда | Санаи бақайдгирӣ | РЯМ |
|---|---|---|---|
| | ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ | | |
| 1 | ҶДММ «Фахриддин 2010» | 28.08.2010 | 0310008472 |
| 2 | ҶДММ «Тоҷсозвар» | 14.05.2010 | 0310005365 |
| 3 | ҶДММ «Ширкати Авруло» | 30.04.2010 | 0310005181 |
| 4 | ҶДММ «Товони Аср» | 25.12.2002 | 0310002615 |
| 5 | ҶДММ «Мирраджж» | 23.06.2010 | 0310006785 |
| 6 | ҶДММ «Комрон Н» | 11.10.2012 | 0310011635 |
| 7 | ҶДММ «Аҳмадбек» | 22.07.2002 | 0110000266 |
| 8 | ҶДММ «Илҳом К» | 06.09.2004 | 0310005154 |
| 9 | ҶДММ «Ганҷина» | 08.09.2009 | 0310001065 |
| 10 | ҶДММ «Меҳроб 2003» | 13.07.2010 | 0310008087 |
| 11 | ҶДММ «Инстрой 2002» | 01.07.2010 | 0310007134 |
| 12 | ҶДММ «Саидиён 2004» | 26.05.2010 | 0310005731 |
| 13 | ҶДММ «Иброҳим Тиҷорат» | 13.05.2010 | 0310005429 |
| 14 | ҶДММ «Ориён Сити» | 18.04.2011 | 0310009755 |
| 15 | ҶДММ «Граф-2004» | 11.03.2005 | 0310007748 |
| 16 | ҶДММ «Сарват-2015» | 23.12.2014 | 0310016502 |
| 17 | ҶДММ «Нино» | 15.04.2010 | 0310004668 |
| 18 | ҶДММ «Насиба» | 04.07.2010 | 0310008490 |
| 19 | ҶДММ «Шишаи Ҳафтранг» | 11.04.2011 | 0310009719 |
| 20 | ҶДММ «Исмоил 2011» | 17.01.2011 | 0310009939 |
| 21 | ҶДММ «Модел-Ву» | 26.12.2013 | 0310015998 |
| 22 | ҶДММ «Запрос» | 12.12.2010 | 0310009563 |
| 23 | ҶДММ «Рана Трейдер» | 14.10 2010 | 0310009398 |
| 24 | ҶДММ «Алянс Трейд» | 05.07.2010 | 0310008894 |
| 25 | НШС «Хасиб Хаби Хайдардзода» | 21.12.2011 | 0320000221 |
| 26 | ҶДММ «Маҳмудҷон Тур» | 23.12.2014 | 0310009279 |
| 27 | ҶСП «Фуркор-С» | 01.01.2014 | 0310016282 |
| 28 | ҶДММ «Роҳнамо-2016» | 13.09.2016 | 0310017721 |
| 29 | ҶДММ «Толеъи-Тур» | 01.12.2011 | 0310010553 |
| 30 | ҶДММ «Чал-Рум» | 17.08.2009 | 0310000570 |
| 31 | ҶДММ «Наку» | 31.08.2009 | 0310000937 |
| 32 | ҶДММ «Фазлидин 2016» | 16.08.2016 | 0310017648 |
| | | | |
| 33 | ҶДММ «Кухи Лаъл» | 28.02.2011 | 0310009572 |
| 34 | ҶДММ «Ойиша» | 07.09.2011 | 0310010287 |
| 35 | ҶДММ «Арал» | 13.01.2011 | 0310009187 |
| 36 | ҶДММ «Маҷид» | 14.08.2010 | 0310008371 |
| 37 | ҶДММ «Султон Увайс 2011» | 16.02.2011 | 0310009499 |
| 38 | ҶДММ «Билолҷон» | 19.01.2012 | 0310010681 |
| | СОҲИБККОРОНИ ИНФИРОДӢ | | |
| 39 | Буриев Амрулло | 13.04.2011 | 0330123503 |
| 40 | Заробов Махсуд | 01.10.2018 | 0330005986 |
| 41 | Содиқов Азизҷон | 03.02.2015 | 0331271417 |
| 42 | Гулов Тағоймурод | 11.10.2011 | 0330147813 |
| 43 | Ризоев Исматулло | 07.05.2010 | 0330051655 |
| 44 | Ниёзов Ҳабибулло | 27.01.2010 | 0430014521 |
| 45 | Ҳошимов Лутфулло | 27.09.2011 | 0430045000 |
| 46 | Ҳалимов Фазлиддин | 27.09.2011 | 0330145466 |
| 47 | Давлатов Амирҷон Идрисович | 18.03.2015 | 0331276165 |
| 48 | Гадоев Маҳмадалӣ | 31.03.2014 | 0331242945 |
| 49 | Нарзуллоева Шарофат | 30.01.2007 | 0330063434 |
| 50 | Абдураҳимова Заира | 24.09.2009 | 0330001779 |
| 51 | Ҳакимова Миджгона | 21.10.2011 | 0330148968 |
| 52 | Ҳамдамова Санавбар | 21.06.2010 | 0330073636 |
| 53 | Джумаев Анвар | 06.02.2007 | 0330005720 |
| 54 | Назаров Баҳром | 15.05.2009 | 0330056174 |
| 55 | Садуллоев Умед | 05.09.2012 | 0330189035 |
| 56 | Ҷаборов Абубакр | 11.04.2013 | 0331198102 |
| 57 | Сатторов Зиёдулло | 03.09.2010 | 0430058686 |
| 58 | Каюмов Абдусаттор | 29.04.2011 | 0330126684 |
| 59 | Абдуразоқов Шарафган Бобохонович | 24.01.2013 | 0330198193 |
| 60 | Ахмедов Тоҳир Ғаниевич | 02.12.2013 | 0330124676 |
| 61 | Чен Сиан | 05.06.2012 | 0230035942 |
| 62 | Эмомова Оламби | 05.06.2013 | 0331205820 |
| 63 | Пинг Ванг | 12.04.2010 | 0330041855 |
| 64 | Миров Сайдали Мирзоевич | 22.01.2013 | 0330197808 |
| 65 | Ёров Джамшед Абдураҳимович | 13.01.2007 | 0330043918 |
| 66 | Мунаварова Фотима Нуровна | 28.01.2010 | 0430012385 |
| 67 | Ахмедов Абдурасул Туманович | 04.05.2011 | 0330126995 |
| 68 | Тиллоева Раъно Исмоиловна | 02.12.2009 | 0430007481 |
| 69 | Рафиева Гулбаҳор Рауфовна | 17.06.2014 | 0331253405 |
| 70 | Нарзуллоев Нурулло Ҳикматуллоевич | 21.04.2014 | 0331246951 |
| 71 | Салимов Алишер | 18.01.2007 | 1530006821 |
| 72 | Цветов Ибрагим Владимирович | 27.01.2009 | 0330000349 |
| 73 | Муҳамад Осим Муҳамад Умар | 17.09.2015 | 0331296625 |
| 74 | Ҷамшеди Ахмадбой | 02.02.2013 | 0331231551 |
| 75 | Расулова Муҳаббат Одиловна | 2705.2013 | 0331204647 |

(Давом дорад)

ЭЪЛОН

## АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ МУҲТАРАМ!

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

бо мақсади пешгирии ҳолатҳои аз тарафи кормандони мақомоти андоз аз субъектҳои хоҷагидор беасос талаб намудани пешпардохти маблағи андозҳо, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки

**АЗ ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ АНДОЗҲОИ АЗ УҲДАДОРИИ ДАВРАИ ҲИСОБОТӢ ЗИЁД ХУДДОРӢ НАМОЕД.**

Бинобар ин, хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати муайян намудани дурустии уҳдадориҳои андозӣ доштан барои ҳар як давраи ҳисоботӣ, тибқи муқаррароти моддаи 19 Кодекси андоз бо мақомоти андози маҳалли қайди худ пайваста санади муқоисавӣ тартиб диҳед. Дар сурати аз ҷониби кормандони мақомоти андоз риоя нагардидани талаботи мазкур,

**ШУМО МЕТАВОНЕД БО РАҚАМИ ТЕЛЕФОНИИ СОДАКАРДАШУДАИ 151 ВА Ё ХАТТӢ БА КУМИТАИ АНДОЗ МУРОҶИАТ НАМОЕД.**

## ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОНТАКТ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

# БУҚАЛАМУН

## Сархатиби вилояти Суғд зимни номаи худ ба АМИТ «Ховар» дар бораи боз як тамаллуқ ва риёкории роҳбари наҳзатиён Муҳиддин Кабирӣ изҳори назар кардааст

**«Роҳбари Ташкилоти террористию экстремистии Ҳизби наҳзати исломӣ Муҳиддин Кабирӣ бо табрикоти солинавии худ, ки дар Фейсбук ниҳодааст, буқаламунро ба ёд меорад», — навиштааст Сархатиби вилояти Суғд дар номаи худ, ки ба АМИТ «Ховар» ирсол намудааст. Матни пурраи онро дар зер пешкаш менамоем.**

Соли 2018-и мелодӣ соли хайру баракат, соли пешравиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар Тоҷикистон буд. Дар ин сол бисёр ободкорию созандагиҳо рӯи кор омаданд, бо ташаббус ва таҳти роҳбарии одилонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯйдоди таърихӣ дар арсаи ҷаҳон амалӣ гашта, иншооти бузурги аср- Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба фаъолият шурӯъ кард. Ин рӯзи муборакро тамоми давлатҳо, ташкилотҳои бонуфузи дунё ва инсонҳои бузурги олам барои Тоҷикистон ва миллати тоҷик муборакбод гуфтанд, аммо хоинони миллат ангушти ҳайрат газиданд.

Дар арафаи соли нави мелодии 2019 дар матбуоти давр бо ниятҳои нек ҳазорон номаҳои муборакбодӣ нашр гардиданд, ки ин табрикот ба хонанда рӯҳияи баланд бахшида, умеду орзуҳои навро дар дил пайдо мекард. Дар байни ин номаҳо чашмам ба матни муборакбодии соли нави мелодии роҳбари ТЭТ-и Ҳизби хиёнаткори Наҳзат (имрӯз номи ташкилоти экстремистӣ-террористиашро иваз кардааст) Муҳиддин Кабирӣ бархӯрд. Ман аз ин дурӯягӣ дар ҳайрат мондам ва маънои даҳҳо оятҳои Қуръони карим, ки дар ҳаққи шахсоне, ки зоҳирашон хилофи ботинашон, ончӣ дар дилашон нест, бо забон мегӯянду онро рӯи коғаз меоранд ва ошкоро мегӯянду хилофи онро дар дил пинҳон медоранд, пеши назарам омад. Ва ба худ гуфтам: Муҳиддин Кабирӣ то рӯзе, ки дар Эрон назди охундҳо буд, солшумории мелодиро ҳаром ва табрикоти онро маҳкум мекарду имрӯз хилофи ақидаи худ амал мекунад, сабаб чӣ бошад? Ӯ бо ин амалаш боз як бори дигар пардаро аз рӯи худ кушод.

Роҳбари Ташкилоти террористию экстремистии Ҳизби наҳзати исломӣ Муҳиддин Кабирӣ бо табрикоти солинавии худ, ки дар Фейсбук ниҳодааст, буқаламунро ба ёд меорад. Буқаламун ё худ ҳирбо навъе аз ҳайвоноти сусмормонанди кишварҳои гарм аст, ки ранги пӯсти худро вобаста ба муҳит дигар мекунад. Тавре Носири Хусрав гуфтааст: «Ҳоли ӯ чун ранги буқалмун набошад як ниҳод...».

Инсони дарбадар ба ҳар кӯча медарояд, барои манфиати худ ҳатто ватану миллати худро мефурӯшад. Муҳиддин Кабирӣ имрӯз дар Аврупо зиндагонии муҳоҷирона дораду бо баъзе ташкилотҳое, ки нисбат ба Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ба Тоҷикистон ва миллати тоҷик ниятҳои муғризона доранд, хидмат мекунад. Ӯ медонад, ки агар муросо накунад, хилофи ақидаи худ изҳори ақидаи аврупоӣ накунад, аз як даҳон нони бо миннат маҳрум мешавад, барои ҳамин ҳам қалам ба даст гирифта, номаи муборакбодии соли нави мелодӣ навишта аст.

Ман аз ин табрикоти дилнохоҳу аммо ба нашр расондаи Кабирӣ хулоса баровардам, ки ин дар назди аврупоиён як тамаллуқ, чоплусӣ ва риёкорӣ асту халос.

**Ҳоҷӣ Ҳусайн МӮСОЗОДА,**
**сархатиби вилояти Суғд**


# ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2019 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!

*Нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*

***86 СОМОНӢ***



СУРОҒАИ МО:
ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

Обуначиёни фаъол аз тарафи идораи «Боҷу хироҷ» ҳавасманд карда мешаванд.

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ ҶДММ «Нурӣ» (РМА 020015113), воқеъ дар ноҳияи И.Сомонӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Саодат» (РЯМ 7010002304), воқеъ дар шаҳри Хоруғ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Коттон-шар-шар» (РЯМ 2910006092), воқеъ дар ноҳияи Вахш, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Лолазор 2016» (РЯМ 0410029767), воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «ОКНА ЛЮКС» (РЯМ 0210000414), воқеъ дар ноҳияи И.Сомонӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Сино» (РЯМ 0310005071), воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Комрони Шомуддин» (РЯМ 1810000042), воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Ориф-2015» (РЯМ 0110021157), воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Маҳмадшоҳ» (РЯМ 3810000297) воқеъ дар ноҳияи Шаҳритус, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Нигора» (РЯМ 3210003225) воқеъ дар ноҳияи Қубодиён, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Жаҳонгир» (РЯМ 3210000521) воқеъ дар ноҳияи Қубодиён, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Фарҳод-1996» (РЯМ 3510005180) воқеъ дар ноҳияи А.Ҷомӣ, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Сангов Абдусаттор» (РЯМ 1810004827) воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Исмат» (РМА 190006649) воқеъ дар ноҳияи Восеъ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Бек» (РЯМ 6210007403) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Ҳаёти нав» (РЯМ 6210002884) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қаландарова Гулсун (РЯМ 0331238142), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Муҳамадиев Ёқуб (РМА 025629315), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.




■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳабибхонова Моҳира (РЯМ 0331382618), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Маҳматқулов Каримҷон (РЯМ 0330106499), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Муҳамадиев Саидҷаббор (РЯМ 3230032126), аз ноҳияи Қубодиён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Каримов Нодир (РЯМ 3230006991), аз ноҳияи Қубодиён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Назаров Ганҷа (РЯМ 2030008347), аз ноҳияи Фархор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Холов Назрулло (РЯМ 1930011399), аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Довидов Баҳриддин (РЯМ 3430051369), аз ноҳияи Кушониён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Мирбону» (РЯМ 1930039385) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба Х/Д «Дӯстмурод» №0003641 (РЯМ 2630000194) аз ноҳияи Темурмалик, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба Х/Д «Салам» (РЯМ 2360004502) аз ноҳияи Темурмалик, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба Х/Д «Маъруф» (РЯМ 0730080845) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Мансурзода Ислом (РЯМ 5530203452), аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ғафоров Абдуазиз (РЯМ 5530232657), аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қудусов Башир (РЯМ 5530211876), аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳамроев Муҳиб (РЯМ 5530191911), аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродӣ Ҳакимов Ашурмурод Саидович (РЯМ 0930003837) аз ноҳияи Ҳисор, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Тошматов Рустам (РЯМ 6230006897), аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Калонова Муҳаббат (РЯМ 6230013974), аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шукуров Комил (РЯМ 6230001654), аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

**ҶДММ «МИР и КО» дар асоси қарори муассисаи ягонаи Ҷамъият аз 07.01.2019с. фаъолияти худро қатъ намуда, ҳамаи уҳдадориҳои худро дар назди дебиторҳо ва кредиторҳои худ, инчунин уҳдадориҳои андозиро ба зиммаи ҶДММ «Гарди 2015» месупорад.**

## Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таваҷҷуҳи шумо мерасонад, ки пас аз ҳисоб намудани маблағи андозҳо метавонед ба мақомоти андоз ҳозир нашуда, тавассути нуқтаҳои ваколатдори Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» маблағи андози дахлдорро ба буҷет пардохт намоед ва расиди маблағи пардохтшударо, ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунанда, бо худ нигоҳ доред.

Ёдрас мешавем, ки дар сурати ба шахси дигар додани маблағи андоз эҳтимолияти пардохт накардани андозҳо ва боиси дар назди буҷет қарздор мондани шумо мегардад.

## ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОНТАКТ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

## ОБЪЯВЛЕНИЕ

### УВАЖАЕМЫЕ НАЛОГОПЛАТЕЛЬЩИКИ!

**Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан**

в целях предотвращение необоснованных требований сотрудников налоговых органов об предварительной оплате налогов с налогоплательщиков, за исключением случаев предусмотренных Налоговым кодексом Республики Таджикистан, убедительно просит Вас

**ВОЗДЕРЖАТЬСЯ ОТ УПЛАТЫ ИЗЛИШНИХ НАЛОГОВ ТЕКУЩЕГО ПЕРИОДА.**

В связи с этим, в соответствии с положениями статьи 19 Налогового кодекса просим вас в целях определения правильности налоговых обязательств в каждом налоговом периоде, постоянно осуществлять налоговые акты сверки с налоговыми органами по месту налоговой регистрации. В случае несоблюдения настоящих требований со стороны сотрудников налоговых органов,

**МОЖЕТЕ ОБРАЩАТЬСЯ В КОНТАКТ – ЦЕНТР НАЛОГОВОГО КОМИТЕТА ПО ТЕЛЕФОННОМУ НОМЕРУ 151 ИЛИ ПИСЬМЕННО.**

**Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан**



Аз таърихи андоз

## АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ЗАМОНИ БАРҚАРОРШАВИИ СОТСИАЛИЗМ

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

Пешрафти баъдинаи хоҷагии халқ дар андозбандии истеҳсолоти саноатӣ, тағйироти алоҳидаву ҷузъиро не, балки ислоҳоти кулли низоми андозро талаб доштанд, ки соли 1930 гузаронида шуд.

Низоми андоз аз даромад (музди меҳнат), ки дар давраи барқароршавии ҳокимият вуҷуд дошт дар давраи индустриализатсия, бо сабаби тақвият ёфтани фишор ба муқобили унсурҳои капиталистӣ бозсозии ҷиддиро талаб мекард. Барои расидан ба ин ҳадаф оид ба андоз аз даромад (музди меҳнат) ҳукумат 24 сентябри соли 1926 низомномаи нав қабул кард.

Мувофиқи ин низомнома системаи андозбандии даромадҳои аҳолӣ аз бунёд тағйир ёфт. Андози асосии қишрӣ (синфӣ, табақавӣ) барҳам дода шуд. Ба ҷойи низоми дузинагии андозбандӣ низоми ягонаи андозбандӣ барои ҳамаи гурӯҳҳо ва категорияҳои андозсупорандагон таъин гардид.

Аз маҷмӯи даромадҳо аз ҳамаи манбаъҳо, ки ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқии шахсӣ (ҷамъиятҳои саҳомӣ, ширкатҳои саҳомӣ ва масъулияташон маҳдуд), ки дар ҳудуди ИҶШС амал мекарданд, андоз гирифта мешуд. Ташкилотҳои давлатӣ ва кооперативӣ низ андозбандӣ мешуданд ва андозро ба тартиби махсус пардохт мекарданд.

Ҳадди аққали андозбандинашаванда нисбат ба гурӯҳҳои ҷудогонаи аҳолӣ ва минтақаҳои алоҳида дар ҳаҷмҳои зерин муайян гардида буд: барои коргарон ва хизматчиёни давлат аз 1200 рубл дар як сол дар минтақаи то 900 рубл дар як сол дар минтақаи IV; барои андозсупорандагони дигар мутобиқан аз 800 то 500 рубл дар як сол.

Барои ба ҳисоб гирифтани андоз аз даромад се ҷадвали ҳаҷмхо аз рӯи принсипҳои шкалаи тағйирёбанда ва тақсимкардашуда барои ҳар як гурӯҳи аҳолӣ мураттаб гардида буд.

Барои шахсоне, ки оилаашон калон вале даромадашон кам буд (се ва ё зиёда шахси хӯранда дар оила ва манбаи даромад надошта), 25 % аз маблағи андоз сабук дода шуд: барои коргарон, ходимони давлат ва нафақахӯрон (аз музди меҳнат – маош) – агар даромади яксола аз 4000 рубл зиёд набошад, барои шаҳрвандони дигар агар даромадашон аз 2000 рубл зиёд набошад.

Доир ба андозбандии муассисаҳои давлатӣ, созмонҳои кооперативӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ, ки аз 50 % -и саҳмияҳояшон ба давлат тааллуқ дошт, ҳукумат қарори махсус қабул намуд.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир Исломов «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**




АЗ ҲАР ХУСУС



Аксарияти мардуми рӯи Замин истеъмоли донаи офтобпарастро дӯст медоранд.

## ФОИДАИ ДОНАИ ОФТОБПАРАСТ

Гарчанде ин хӯрдании лазиз ба бемории газаки меъда, захми меъда ва ҳатто ба шиддатёбии кӯррӯда оварда мерасонад, бо вуҷуди ин одамонро маҷбур карда намешавад, ки аз ин хӯрдании лазиз даст кашанд.Фоидаи ин маҳсулот аз равғани растанӣ ва витаминҳои равғанҳалкунанда – А, Д ва Е ғанӣ аст. Ҷавҳари равғанӣ, ки дар таркиби равғани растанӣ мавҷуд аст, пастравии сатҳи холестерин-протсесси пиршавиро суст мегардонад. Ғайр аз ин тухми офтобпараст аз витаминҳое, ки пӯсти бадан ва пардаи луоби организми одамиро пурқувват мегардонанд, бой аст. Донаҳои хӯрдакаки офтобпараст анбори микроэлементҳоянд: руҳ, фтор, йод, калсий, оҳан. Донаи офтобпараст воситаи пешгирии атеросклероз (иньисоби рагҳо, сактаи дил ва дигар бемориҳои системаи дилу раг ба шумор меравад. Дар донаи офтобпараст 20% сафеда аст, ки ба таркиби он аминокислотаҳои ивазнашаванда дохил мешаванд. Витаминҳои таркиби донаи он мустаҳкамии ҳам мӯй ва ҳам нохунҳоро фароҳам месозад. Равоншиносон тасдиқ мекунанд, ки донаҳои офтобпараст, аниқтараш раванди қарс-қарси он барои ором кардани системаи асаб хеле фоидаовар аст.

## СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Одаме, ки аз хушбахтии дигарон шод мешавад, ҳамеша хушбахт хоҳад монд.

ххх

Аз Худованд зиндагии осонро маталаб, балки талаб бикун, ки туро нерӯмандтар бисозад.

ххх

Хушбахт на он аст, ки пули бисёр дорад, хушбахт касе аст, ки фарзандонаш солиманд.

ххх

Муҳаббат дардро ба вуҷуд намеорад. Дардро одамоне ба вуҷуд меоранд, ки дӯст доштан наметавонанд.

ххх

Вақте аз пуштат гап мезананд, маълум, ки ту пешсаф ҳастӣ. Вақте зиндагиатро муҳокима мекунанд, маълум, ки он барояшон шавқовар аст. Вақте кӯшиш мекунанд камбудиатро ёбанд, маълум, ки ҳасад мебаранд.

ПАНДИ РӮЗГОР

## Чаҳор чиз...

**ЧАҲОР ЧИЗ ЧАҲОР ЧИЗ ОВАРАД:**

1. Хомӯшӣ роҳат. 2. Фузулӣ (сергапӣ) маломат. 3. Саховат бузургӣ. 4. Шукр афзунӣ.

**ЧАҲОР ЧИЗ ШАХСРО ЗАИФ МЕКУНАД:**

1. Душмани бешумор. 2. Қарзи бисёр. 3. Бисёрии аёл. 4. Хаёли маҳол (фикри мансабу вазифа).

**ЧАҲОР ЧИЗ ЧАҲОР ЧИЗРО БИБАРАД:**

1. Шаҳват қувватро. 2. Касолат давлатро. 3. Ношукрӣ неъматро. 4. Таккабур мурувватро.

**ЧАҲОР ЧИЗРО ДИГАРБОРА НАТАВОН ЁФТ:**

1. Сухани гуфтаро. 2. Тири андохтаро. 3. Қазои рафтаро . 4. Умри гузаштаро.

## Муҷассамаи баландтарини дунё



Соли 2018 дар Ҳиндустон парда аз рӯйи муҷассамаи аз ҳама баландтарини дунё бардоштанд. Дар иёлати Гуҷарат ба хотири гиромидошти арбоби намоёни ҳаракати миллӣ – озодихоҳии Ҳиндустон - Виллабхаи Пател (1875-1950) пайкараи зиёда аз 160-метраи ӯ қомат афрохт. Ҳайкал номи расмии «Муҷассамаи Иттиҳод» -ро ба худ касб кардааст. Ин муҷассама ба тундбоди босуръати то 180 километр - соат вазанда ва зилзилаи 6,5 - бала истодагарӣ карда метавонад.

**То ҳол дар аксои олам муҷассамаҳои баланд бар чунин навъ буданд:**

- Муҷассамаи Озодӣ (ИМА, Нью-Йорк) – 46 метр.
- Ватан – Модар даъват мекунад! (Россия, Волгоград) – 85 метр.
- Буддои Маъбади Баҳорӣ (Хитой, Хэнан) – 128 метр.
- Муҷассамаи Ғалаба (Россия, Москва) – 141,8 метр.

## ОЁ МЕДОНЕД?

Парчами Филиппин ягона парчаме мебошад, ки ҷойҳои ранги раҳҳояш иваз мегарданд. Дар вақти оромӣ ва сулҳ- ранги кабуд аз қисми болой буда, ранги сурх аз поён аст, дар вақти ҷангу ноором баръакс - ранги сурх аз боло ва ранги кабуд аз қисми поён.


Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир **Фарзона ШАРИФӢ**

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

**Тел:** 233-08-40 (қабулгоҳ), 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

**Навбатдор:** Неъматулло ЗОИРЗОДА

**Тарроҳ:** Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

Теъдод: 39 590